АВГУСТИ 2018

# Бурҷи дидбонӣ

ПОДШОҲИИ ЯҲУВАРО ЭЪЛОН МЕКУНАД



МАҚОЛАҲОИ ОМӮЗИШӢ
1–28 ОКТЯБРИ 2018



РАСМИ МУҚОВА:

## МАЛАВИ

Нозири ноҳиявӣ ва занаш тайёранд, ки ба ҷамъомади навбатӣ сафар кунанд. Онҳо ба велосипеди худ Китоби Муқаддас, адабиёт, дастгоҳи кино ва овозбаландкунанда, инчунин дигар чизу чораи худро бор кардаанд

ВОИЗОН:
**93 412**

ОМӮЗИШИ КИТОБИ МУҚАДДАС:
**145 504**

ШУМОРАИ ҲОЗИРОН ДАР ШОМИ ЁДБУДИ 2017:
**315 784**

## МУНДАРИҶА


3 ҲАФТАИ **1–7 ОКТЯБР**
**Оё шумо ба ҳама чиз бовар мекунед?**

8 ҲАФТАИ **8–14 ОКТЯБР**
**Аз рӯйи он чӣ ки ба чашм аён аст, ҳукм накунед!**


Ба даст овардани маълумоти аниқ ва боваринок на ҳама вақт осон аст. Дар мақолаи якум мо баъзе душвориҳои бо ин алоқамандро муҳокима мекунем. Ва мебинем, ки кадом принсипҳои Китоби Муқаддас ба мо ёрӣ медиҳанд, то маълумотро дуруст ба кор барем. Дар мақолаи дуюм мо се ҷониберо, ки одатан одамон аз рӯйи он ба якдигар баҳо медиҳанд, дида мебароем. Ҳамчунин ин мақола ба мо ёд медиҳад, ки бо одамон бе рӯйбинӣ муносибат кунем.


13 ТАРҶУМАИ ҲОЛ
**Ҳеҷ гоҳ намегузоштам, ки дастонам суст шаванд**

18 ҲАФТАИ **15–21 ОКТЯБР**
**Саховатмандӣ касро хушбахт мегардонад**

23 ҲАФТАИ **22–28 ОКТЯБР**
**Ҳар рӯз бо Яҳува ҳамкорӣ кунед**


Яҳува одамизодро барои он офарид, ки аз ҳаёт лаззат гирад ва хушбахт бошад. Вақте мо мувофиқи иродаи Яҳува зиндагӣ карда, ҳамин тавр бо Ӯ зич ҳамкорӣ мекунем, хушбахт мешавем. Дар ин мақолаҳои омӯзишӣ мо роҳҳои гуногуни зоҳир кардани саховатмандиро дида мебароем ва мефаҳмем, ки чӣ тавр он ба мо манфиат меорад.


28 **Пурсабрӣ — ин бо умед ба душвориҳо тоб овардан аст**

31 АЗ ХАЗИНАИ МО


Ин нашрия барои фурӯш нест. Он қисми фаъолияти умумиҷаҳонии таълимдиҳӣ дар асоси Китоби Муқаддас аст, ки бо хайрияҳо дастгирӣ карда мешавад.

Барои хайрия кардан, лутфан, ба www.jw.org дароед.


**БУРҶИ ДИДБОНӢ**
ПОДШОҲИИ ЯҲУВАРО ЭЪЛОН МЕКУНАД

Августи 2018
Vol. 139, No. 10 TAJIKI


Дар сурати набудани нишондодҳои дигар оятҳои Навиштаҳои Ибронӣ аз Китоби Муқаддас (нашри Институти тарҷумаи Китоби Муқаддас, Стокголм, 1999) ва оятҳои Навиштаҳои Юнонӣ аз «Китоби Муқаддас — Тарҷумаи дунёи нав» оварда шудаанд. Ихтисори ТДН ишора бар он мекунад, ки матн аз нашри нави Навиштаҳои Ибронии «Китоби Муқаддас — Тарҷумаи дунёи нав» (англ.) оварда шудааст.


*The Watchtower* (ISSN 0043-1087) Issue 10 August 2018



© 2017 Watch Tower Bible and Tract Society of Pennsylvania.
Printed in Germany.

© Druck und Verlag: Wachtturm Bibel- und Traktat-Gesellschaft, Selters/Ts.,
V.i.S.d.P. Manfred Steffensdorfer, Selters/Ts.



# Оё шумо ба ҳама чиз бовар мекунед?

*«Касе ки ношунида ҷавоб гардонад, беақл аст, ва ин барои ӯ нанг аст»* (МАС. 18:13).

СУРУДҲО: **43, 52**

**ШУМО ЧӢ ТАВР ҶАВОБ МЕДОДЕД?**

Чаро мо бояд дар мавриди хондан ё ба дигарон фиристодани номаҳои электронӣ ва СМС эҳтиёткор бошем?

Вақте ки дар бораи мо маълумоти дурӯғ паҳн мекунанд, чӣ тавр мо мисли Исо рафтор карда метавонем?

Кадом се принсипи Китоби Муқаддас кӯмак мекунанд, ки ба маълумоти фаҳмидаамон дуруст баҳо диҳем?

ЧУН масеҳиёни ҳақиқӣ ба мо лозим аст, ки ақлу фаросатро ба кор бурда, аниқ будани ин ё он маълумотро фаҳмем ва хулосаи дуруст барорем (Мас. 3:21–23; 8:4, 5). Агар мо ин қобилияти худро инкишоф надиҳем, Шайтон ва ҷаҳони ӯ ба осонӣ метавонад моро ба доми худ афтонда, фикррониамонро вайрон кунад (Эфс. 5:6; Қӯл. 2:8). Албатта, мо танҳо дар асоси маълумоти аниқу пурра хулосаи дуруст бароварда метавонем. Дар Масалҳо 18:13 гуфта шудааст: «Касе ки ношунида ҷавоб гардонад, беақл аст, ва ин барои ӯ нанг аст».

2 Лекин ба даст овардани маълумоти аниқу саҳеҳ ва баровардани хулосаи дуруст на ҳама вақт осон аст. Дар ин мақола мо баъзе душвориҳои бо ин алоқамандро муҳокима мекунем. Ҳамчунин мо аз Китоби Муқаддас якчанд принсип ва мисолҳоро дида мебароем. Боз мефаҳмем, ки чӣ тавр ба маълумоти гирифтаамон дуруст баҳо диҳем ва хулосаи оқилона барорем.

## «БА ҲАР СУХАН» БОВАР НАКУНЕД

3 Имрӯз ба сари одамон маълумот чун борони сел меборад. Вебсайтҳои интернетӣ, телевизион ва дигар расонаҳои хабарӣ фикру

1, 2. а) Кадом қобилияти муҳимро мо бояд инкишоф диҳем ва чаро? б) Дар ин мақола мо чиро дида мебароем?

3. Чаро мувофиқи принсипи Масалҳо 14:15 амал кардан муҳим аст? (Ба расми аввали мақола нигаред.)

ақидаҳои беҳисобро паҳн мекунанд. Ғайр аз ин, ба бисёр одамон ҳар рӯз дӯсту шиносоношон садҳо номаҳои электронӣ, СМС-у хабарҳо мефиристанд. Азбаски дидаю дониста паҳн кардани маълумоти нодуруст ва тағйир додани ҳақиқати ҳол як чизи муқарраррӣ шудааст, мо бояд оиди чизе ки мешунавем эҳтиёт бошем ва пеш аз бовар кардан дуруст будани онро санҷем. Кадом принсипи Китоби Муқаддас ба мо кӯмак мекунад? Дар Масалҳо 14:15 навишта шудааст: «Соддадил ба ҳар сухан имон меоварад, вале бофаросат ба ҳар қадами худ диққат медиҳад».

4 Барои баровардани қарорҳои дуруст ба мо маълумоти боваринок лозим аст. Аз ин рӯ, маълумотеро, ки мехонем, бояд бохирадона интихоб кунем. **(Филиппиён 4:8, 9-ро хонед.)** Имрӯз сайтҳои шубҳаноки ахборотӣ хеле бисёранд. Мо набояд барои хондани онҳо ва хабарҳое, ки ба почтаи электронии мо меоянду рост буданашон аниқ нест, вақтамонро беҳуда сарф кунем. Хусусан аз сайтҳое, ки осиён ташкил додаанд, дурӣ ҷустан хеле муҳим аст. Чунки мақсади ягонаи онҳо зарар расондан ба халқи Худо ва зери шубҳа гузоштани ҳақиқат аст. Маълумоти шубҳаноку норавшан ба қарори нодуруст оварда мерасонад. Ҳеҷ гоҳ фаромӯш накунед, ки маълумоти бардурӯғ ба ақлу дили мо ҳатман таъсир мерасонад (1 Тим. 6:20, 21).

5 Бовар кардан ба хабари дурӯғ хеле хатарнок аст. Масалан, ба ёд оред, ки дар замони Мӯсо чӣ рӯй дод. Барои аз назар гузарондани Замини ваъдашуда 12 ҷосус фиристода шуданд, ки 10 нафари онҳо хабари бад оварданд (Ад. 13:25–33). Онҳо аз пашша фил сохта, оиди он Замин суханоне гуфтанд, ки халқи Яҳуваро тамоман рӯҳафтода кард (Ад. 14:1–4). Чаро гапҳои онҳо ба халқ чунин таъсир кард? Азбаски ин хабари бадро аксари ҷосусон оварда буданд, шояд исроилиён фикр карданд, ки гапи онҳо рост аст. Лекин ба мардони боваринок, Еҳушаъ ва Колеб, ки хабари нағз оварданд, бовар накарданд (Ад. 14:6–10). Онҳо ба ҷойи он ки маълумотро аниқ кунанд ва ба Яҳува такя намоянд, ба хабари бад бовар карданд. Чӣ рафтори беақлонае!

6 Хусусан, вақте ки дар бораи халқи Яҳува ҳар гуна овозаҳоро паҳн мекунанд, мо бояд эҳтиёт бошем. Зеро Шайтон айбдоркунандаи хизматгорони содиқи Худо аст (Ваҳӣ 12:10). Исо ҳам шогирдонашро огоҳ карда буд: «Одамон... ноҳақ дар бораатон ҳар гуна суханони бад мегӯянд» (Мат. 5:11). Агар мо ин суханони Исоро нағз дар хотир дорем, дар бораи халқи Худо ягон тӯҳмат шунида, ҳайрон ва зиқ намешавем.

7 Шояд шумо ба ёру дӯстонатон фиристодани номаҳои электронӣ ва СМС-ро дӯст медоред. Ва агар ягон хабари нав ё рӯйдоди аҷоиброхонед ё шунавед, шояд якум шуда дар ин бора ба дигарон хабар додан мехоҳед. Лекин пеш аз фиристодани СМС ё нома ба худ савол диҳед: «Оё ман боварии комил дорам, ки маълумоте, ки паҳн кардан мехоҳам, дуруст ва боваринок аст?» Агар дилпур набошеду онро фиристонед, пас шумо нафаҳмида маълумоти дурӯғро байни бародарону хоҳарон паҳн карда метавонед. Барои ҳамин, ба ҷойи зер кардани тугмачаи «фиристодан» («отправить»), беҳтараш тугмачаи «кӯр кардан»-ро («удалить») зер кунед.

8 Фикр накарда нома ё СМС фиристодан боз як хатари дигар дорад. Дар баъзе мамлакатҳо

---

4. Чӣ тавр суханони Филиппиён 4:8, 9 ба мо дар интихоби маълумоте, ки мехонем, кӯмак мерасонад ва чаро маълумоти боваринок доштан муҳим аст? (Ҳамчунин ба чорчӯбаи «Баъзе манбаъҳои боваринок» нигаред.)

5. Исроилиён кадом хабари дурӯғро шуниданд ва он чӣ тавр ба онҳо таъсир кард?

6. Вақте мо дар бораи халқи Худо ягон тӯҳмат мешунавем, чаро набояд ҳайрон ва зиқ шавем?

7. Пеш аз фиристодани номаи электронӣ ё СМС-ҳо дар бораи чӣ фикр кардан лозим аст?

8. Дар баъзе мамлакатҳо мухолифон чӣ кор мекунанд ва чӣ тавр мо нафаҳмида ба онҳо шарик шуда метавонем?

ба фаъолияти мо маҳдудият гузошта шудааст ё он умуман манъ мебошад. Душманони мо дар чунин давлатҳо метавонанд қасдан хабарҳои дурӯғро паҳн кунанд, то моро тарсонанд ё боовариамонро ба ҳамдигар суст кунанд. Биёед бинем, ки дар Иттиҳоди Шӯравӣ чӣ рӯй дода буд. Кормандони КГБ овозаҳо паҳн мекарданд, ки гӯё баъзе бародарони масъул ба халқи Худо хиёнат кардаанд*. Афсӯс, ки бисёриҳо ба ин хабари дурӯғ бовар карда, оқибат аз ташкилоти Яҳува рафтанд. То чӣ андоза ғамовар буд ин! Хушбахтона баъдтар бисёриҳо баргаштанд, лекин киштии имони баъзеҳо ғарк шуд ва онҳо барнагаштанд (1 Тим. 1:19). Чӣ тавр мо аз чунин оқибати нохуш даргурез буда метавонем? Аз фиристодани хабарҳои бад ё исботнашуда даст кашед. Содадил ё зудбовар набошед. Ба дуруст будани маълумот боварӣ ҳосил кунед.

## МАЪЛУМОТИ НОПУРРА

9 Боз як чизе ки барои хулосаи дуруст баровардан халал мерасонад ин маълумоти нопурра ё маълумоте, ки фақат қисман рост аст. Нақле ки 10 фоизаш рост аст, дар асл 100 фоиз моро гумроҳ карда метавонад. Чӣ кор кунем, ки чунин нақлҳои бардурӯғ, ки шояд фақат як-ду қатраашон рост аст, моро ба роҳи хато набаранд? (Эфс. 4:14).

10 Биёед дида бароем, ки дар рӯзҳои Еҳушаъ бо исроилиёне, ки дар тарафи ғарбии дарёи Ӯрдун зиндагӣ мекарданд, чӣ рӯй дод (Еҳ. 22:9–34). Ба онҳо хабар расид, ки исроилиёне, ки дар тарафи шарқии Ӯрдун мебошанд, (сибти Реубен, сибти Ҷод ва нисфи сибти Менашше) дар назди Ӯрдун қурбонгоҳи калони боҳашамат сохтаанд. Дар асоси ин маълумоти нопурра исроилиёне, ки дар тарафи ғарб зиндагӣ мекарданд, хулоса карданд, ки бародарони онҳо муқобили Яҳува баромадаанд. Барои ҳамин, онҳо ҷамъ шуда, бо исроилиёне, ки дар тарафи шарқ буданд, ҷанг карданӣ шуданд. **(Еҳушаъ 22:9–12-ро хонед.)** Лекин хайрият, ки пеш аз ҳамла кардан, онҳо якчанд мардони боваринокро чун намояндаи худ фиристоданд, то ҳақиқати ҳолро аниқ кунанд. Онҳо чиро фаҳмиданд? Исроилиёни сибти Реубен, сибти

* Нигаред ба «Солномаи 2004» (рус.), саҳ. 111, 112 ва «Солномаи 2008» (рус.), саҳ. 133–135.

9. Барои ба даст овардани маълумоти аниқ боз кадом душвориҳо ҳастанд?

10. Чӣ тавр исроилиён қариб буд, ки бо бародарони худ ҷанг кунанд ва чӣ онҳоро аз хунрезӣ нигоҳ дошт?



## БАЪЗЕ МАНБАЪҲОИ БОВАРИНОК

Халқи Худо маълумоти аниқ ва саривақтиро аз манбаъҳои зерин ёфта метавонад:

**ХАБАРҲОИ ФАВРӢ:** Бахши «хабарҳои фаврӣ» дар сайти jw.org ба бисёр забонҳо дастрас буда, ба халқи Яҳува оиди воқеаҳои муҳими ҷаҳон ба таври мухтасар хабар медиҳад.

**ХАБАРҲО:** Ин бахши доимӣ дар jw.org ба бисёр забонҳо дастрас буда, оиди воқеаҳое, ки ба озодона ибодат кардани мо дахл доранд ва оиди кӯмаке, ки ҳангоми рӯй додани офатҳои табиӣ расонида мешавад, муфассал хабар медиҳад.

**JW БРОДКАСТИНГ:** Ин шабакаи интернет-телевизионӣ видеонаворҳоро оиди навигариҳое, ки дар ташкилоти умумиҷаҳонии Шоҳидони Яҳува рӯй медиҳанд, пешкаш мекунад.

Ҷод ва нисфи сибти Менашше дар ҳақиқат қурбонгоҳ сохта буданд, лекин он на барои қурбонӣ, балки барои ёдгорӣ буд. Ин қурбонгоҳ барои он сохта шуда буд, то ба насли оянда хотиррасон кунад, ки онҳо низ хизматгорони содиқи Яҳува мебошанд. Исроилиён хеле хурсанд буданд, ки вақт ҷудо карда аввал ҳама гапу корро фаҳмиданд. Чунки дар асоси маълумоти нопурра ҷанги бародаркушӣ рӯй доданаш мумкин буд.

11 Вақте ки дигарон дар бораи мо маълумоти росту дурӯғ паҳн мекунанд, мо низ аз чунин беадолатӣ зарар дида метавонем. Дар бораи мисоли шоҳ Довуд ва Мефибӯшет фикр кунед. Довуд ба Мефибӯшет меҳрубонӣ ва дасткушодӣ зоҳир карда, тамоми замини бобояш Шоулро ба ӯ баргардонд (2 Подш. 9:6, 7). Лекин баъдтар Мефибӯшетро ба Довуд сиёҳ карданд. Довуд маълумотро насанҷида, Мефибӯшетро аз тамоми дороиаш маҳрум кард (2 Подш. 16:1–4). Вақте ки оқибат онҳо бо ҳам вохӯрда сӯҳбат карданд, Довуд хатогии худро фаҳмид ва қисми дороии Мефибӯшетро баргардонд (2 Подш. 19:24–29). Вале, агар Довуд ҳамон вақт саросема намешуду аввал маълумотро аниқ мекард, ба беадолатӣ роҳ намедод.

12 Агар шуморо ноҳақ тӯҳмат кунанд, чӣ кор мекардед? Исо ва Яҳёи Таъмиддиҳанда бо чунин беинсофӣ дучор шуда буданд. **(Матто 11:18, 19-ро хонед.)** Вақте ки одамон Исоро тӯҳмат мекарданд, ӯ вақту қувваташро барои сафед кардани худ сарф намекард. Ба ҷойи ин, вай одамонро бармеангехт, ки рафтору таълимоташро дида худашон хулосаи дуруст баранд. Чуноне ки Исо гуфт, «бохирад будани одам аз корҳои дурусти ӯ маълум мегардад» (Мат. 11:19).

13 Аз ин воқеа мо як дарси муҳим мегирем. Баъзан чунин шуда метавонад, ки одамон моро тӯҳмат ё танқид мекунанд. Дар чунин ҳолат мо шояд адолат ҷуста, номи худро сафед кардан хоҳем. Лекин инро бо кадом роҳ кардан беҳтар аст? Агар ягон кас дар бораи мо маълумоти дурӯғро паҳн кунад, мо бояд бо рафтори худ ноҳақ будани он гапҳоро исбот кунем, то оқибат ҳама дурӯғ будани онро фаҳманд. Чи хеле ки аз мисоли Исо дидем, ахлоқу рафтори неки мо худаш исбот мекунад, ки нисфи гапи одамон дар бораи мо дурӯғ аст ва айбдоркуниҳояшон беасосанд.

## БА ФАҲМИШИ ХУД ТАКЯ НАКУНЕД

14 Чи хеле ки дида баромадем, барои ба хулосаи дуруст омадан ба мо маълумоти аниқ даркор аст. Лекин ба даст овардани он осон нест. Душвории дигар бошад, ин нокомилии худи мост. Шояд мо дар давоми даҳсолаҳо ба Яҳува содиқона хизмат мекунем ва фаҳмишу фикрронииамон хуб инкишоф ёфтааст. Мумкин дигарон моро чун шахсони солимфикр бисёр ҳурмат мекунанд. Лекин, магар ин барои мо дом шуда метавонад?

15 Бале, аз ҳад зиёд ба фаҳмиши худ такя кардан хатарнок аст. Он гоҳ мо дар асоси ҳиссиёт ва ақидаҳои шахсиамон метавонем хулоса барорем. Мо фикр мекунем, ки бо як нигоҳ ба вазъият баҳо дода метавонем, ҳарчанд асли воқеаро пурра намедонем. Лекин ин хеле хатарнок аст! Китоби Муқаддас аниқ моро огоҳ мекунад, ки ба фаҳмиши худ такя накунем (Мас. 3:5, 6; 28:26).

16 Фарз мекунем, ки як бегоҳ Азиз ном пири ботаҷрибае дар қаҳвахона нишастааст. Ногоҳ чашми ӯ ба мизи дигар меафтад, ки дар он як пири ҷамъомад, ки Фирӯз ном дорад, бо за-

11. а) Чӣ тавр Мефибӯшет аз беадолатӣ зарар дид? б) Аз ин рафтори беадолатона Довудро чӣ боздошта метавонист?

12, 13. а) Вақте Исоро тӯҳмат карданд, ӯ чӣ кор кард? б) Вақте баъзеҳо дар бораи мо маълумоти дурӯғ паҳн мекунанд, чӣ кор карда метавонем?

14, 15. Чӣ тавр такя кардан ба фаҳмиши худ дом шуда метавонад?

16. Дар мисоле, ки оварда шудааст дар қаҳвахона чӣ рӯй дод ва Азиз дарҳол ба кадом хулоса омад?

ни бегонае нишастааст. Азиз ҳайрон шуда, ба чашмаш бовар намекунад. Ӯ мебинад, ки Фирӯз ва он зан бо ҳам шӯхӣ карда, ханда мекунанд, чақ-чақ доранд ва ҳамдигарро меҳрубонона ба оғӯш мегиранд. Инро дида ӯ торафт нороҳат мешавад ва ба сараш чунин фикр меоянд: Наход оилаи Фирӯз вайрон шавад. Занаш ба ин чӣ тавр тоб меорад? Бо фарзандонаш чӣ мешуда бошад? Азиз аз ин пеш чунин воқеаҳои дилрешкунандаро дида буд. Агар шумо низ чунин вазъиятро медидед, чӣ фикр мекардед?

17 Лекин истед! Оё Азиз ҳақиқати ҳолро медонад ё саросема хулоса кард, ки Фирӯз ба занаш хиёнат мекунад? Баъдтар, ҳамон бегоҳ ӯ ба Фирӯз занг зад. Тасаввур кунед, ки аз фаҳмидани асли воқеа дили Азиз чӣ қадар ором шуд. Зеро маълум гашт, ки он зан хоҳари Фирӯз аст, ки аз шаҳри дигар омадааст. Онҳо ҳамдигарро солҳои дароз надида буданд. Азбаски хоҳараш дар шаҳри онҳо фақат раҳгузар буду вақти зиёд надошт, Фирӯз ӯро барои якҷоя хӯрок хӯрдан ба қаҳвахона таклиф карда буд. Зани ӯ омада натавонистааст. Хайрият, Азиз ба ҷойи ба дигарон паҳн кардани хулосаи нодуруст, аввал чӣ будани гапу корро аниқ кард. Мо аз ин мисол чӣ дарс мегирем? Чӣ қадар таҷрибаи калон надошта бошем ҳам, пеш аз хулоса баровардан аввал маълумоти аниқ ва пурраро донистан муҳим аст.

18 Боз аз сабаби дигаре мо ба вазъият нодуруст баҳо дода метавонем. Шояд бо ягон ҳамимон забон ёфтан бароямон душвор аст. Агар дар бораи нофаҳмиҳо бо ин шахс аз ҳад бисёр фикр кунем, нисбати ӯ бадгумониамон торафт зиёд шуда метавонад. Ва, вақте ки мо дар бораи ӯ ягон сухани бад мешунавем, шояд тез ба он бовар кунем, ҳарчанд ба рост буданаш ягон далел нест. Хулоса, агар мо ҳиссиёти манфиро нигоҳ дорем, қобилияти ба вазъият дуруст баҳо доданро гум карда метавонем (1 Тим. 6:4, 5). Барои ҳамин, мо набояд роҳ диҳем, ки ҳиссиёти нодуруст дар дили мо реша давонад. Ба ҷойи ин, биёед ҳамимононамонро дӯст дорему бо омодагӣ онҳоро бахшем. Зеро Яҳува инро мехоҳад. **(Қӯлассиён 3:12–14-ро хонед.)**

## ПРИНСИПҲОИ КИТОБИ МУҚАДДАС МОРО МУҲОФИЗАТ МЕКУНАНД

19 Чуноне ки дида баромадем, имрӯз дар ҳама ҷо маълумоти шубҳанок ва хабарҳои нимросту нимдурӯғ васеъ паҳн шудаанд. Ба болои ин, нокомилии худамон низ моро ба хулосаву фикрронии нодуруст тела дода метавонад. Барои ҳамин, ба даст овардани маълумоти боваринок ва баровардани хулосаи дуруст душвор аст. Чӣ ба мо барои бартараф кардани ин мушкилӣ кӯмак мекунад? Мо бояд принсипҳои Китоби Муқаддасро донем ва онҳоро ба кор барем. Яке аз принсипҳо ин аст, ки агар «касе ки ношунида ҷавоб гардонад», яъне маълумотро аниқ накарда, хулоса барорад, беақл аст (Мас. 18:13). Дигар принсип ба мо хотиррасон мекунад, ки ба ҳама чизҳои шунидаамон даррав бовар накунему аввал онро санҷем (Мас. 14:15). Ва ниҳоят, чӣ қадар таҷрибаи калон надошта бошем ҳам, набояд ба фаҳмиши худ такя кунем (Мас. 3:5, 6). Агар мо маълумотро аз сарчашмаҳои боваринок истифода бурда, баъд хулоса ё қарор барорем, он гоҳ принсипҳои Китоби Муқаддас моро муҳофизат мекунанд.

20 Лекин боз як душворӣ ин аст, ки баъзан мо ба одам аз рӯйи намуди зоҳириаш баҳо медиҳем. Дар мақолаи навбатӣ мо доир ба ин мавзӯъ баъзе хатарҳои паҳнгаштаро дида мебароем ва мефаҳмем, ки барои аз онҳо дурӣ ҷустан, чӣ ба мо кӯмак расонда метавонад.

---

17. Дар ин мисол Азиз баъдтар чиро фаҳмид ва мо аз ин чӣ дарс мегирем?

18. Чӣ сабаб шуда метавонад, ки мо ба сухани баде, ки дар ҳаққи ҳамимонамон мешунавем, тез бовар кунем?

19, 20. а) Кадом принсипҳои Китоби Муқаддас кӯмак мекунанд, ки ба маълумоти фаҳмидаамон дуруст баҳо диҳем? б) Дар мақолаи навбатӣ мо чиро дида мебароем?



# Аз рӯйи он чӣ ки ба чашм аён аст, ҳукм накунед!

*«Аз рӯйи он чӣ мебинед, ҳукм накунед, балки аз рӯйи адлу инсоф ҳукм намоед»* (ЮҲ. 7:24).

СУРУДҲО: **54, 53**

**АЗ ОЯТҲОИ ЗЕРИН ОИДИ ҲУКМ КАРДАНИ ДИГАРОН МО ЧӢ МЕФАҲМЕМ?**

Аъмол 10:34, 35

Ибодат 19:15

1 Тимотиюс 4:12

ИШАЪЁ дар бораи Ҳазрати Исо пешгӯйӣ карда буд, ки ӯ «на бар тибқи нигоҳи чашмонаш доварӣ хоҳад намуд, ва на аз рӯйи шунидди гӯшҳояш ҳукм хоҳад кард, балки мискинонро бо адолат доварӣ хоҳад кард» (Иш. 11:3, 4). Ин суханон чун малҳами дил моро тасаллӣ мебахшанд. Зеро мо дар ҷаҳоне зиндагӣ мекунем, ки пур аз бадгумонӣ аст ва одамон якдигарро аз рӯйи он чӣ ки мебинанд, ҳукм мекунанд. Лекин Исо ҳеҷ гоҳ моро аз рӯйи нигоҳи чашмон доварӣ намекунад ва мо маҳз ба чунин Довари комил мӯҳтоҷем!

2 Ҳар рӯз мо ба одамон ва чӣ гуна будани онҳо ба таври худ баҳо медиҳем. Лекин азбаски ҳамаи мо нокомилем, мисли Исо баҳои комилан дуруст дода наметавонем. Мо майл дорем, ки аз рӯйи он чӣ ки чашмамон мебинад, ҳукм кунем. Лекин Исо ҳангоми дар замин буданаш чунин амр дод: «Аз рӯйи он чӣ мебинед, ҳукм накунед, балки аз рӯйи адлу инсоф ҳукм намоед» (Юҳ. 7:24). Яъне Исо мехост, ки мо мисли ӯ рафтор кунем ва дигаронро аз рӯйи чизи ба чашм аён баҳо надиҳем. Дар ин мақола мо се омилро дида мебароем, ки одатан ба нуқтаи назари мо таъсир карда метавонад: мил-

1. Ишаъё дар бораи Исо чиро пешгӯйӣ кард ва чаро он рӯҳбаландкунанда аст?

2. Исо ба мо чиро амр дод ва дар ин мақола мо чиро дида мебароем?

лату нажод, боигарӣ ва синну сол. Доир ба ин се маврид мо маслиҳатҳои амалиро муҳокима мекунем, ки барои итоат кардан ба амри Исо ёрӣ медиҳанд.

## БА ОДАМОН АЗ РӮЙИ МИЛЛАТ Ё НАЖОД БАҲО НАДИҲЕД

3 Боре Петруси расул ба Қайсария ба хонаи марди ғайрияҳудӣ Корнилюс даъват карда шуд. Тасаввур кунед, ки дар роҳ, вақте ки Петрус ба он ҷо мерафт, аз хаёлаш чӣ гуна фикрҳо мегузаштанд (Аъм. 10:17–29). Мисли дигар яҳудиёни он замон Петрус бо ақидае ба воя расида буд, ки ғайрияҳудиён нопоканд. Вале дар ҳаёти ӯ як қатор воқеаҳо рӯй доданд, ки нуқтаи назари ӯро дигар карданд. Масалан, боре Петрус рӯъёи ғайриодие дид (Аъм. 10:9–16). Дар ин рӯъё аз осмон ба пеши вай дастархони калоне фаромад, ки болои он пур аз ҳайвонҳои нопок буд ва овозе ба ӯ амр дод: «Эй Петрус, бархез, бикуш ва бихӯр!» Петрус онро боқатъият рад кард. Сипас, овоз аз осмон ба ӯ гуфт: «Минбаъд чизеро, ки Худо пок гардонидааст, ҳаром нагӯй». Баъди бедор шудан Петрус сарфаҳм намерафт, ки он суханони аз осмон шунидааш чӣ маъно доранд. Рӯҳи муқаддас Петрусро роҳнамоӣ кард, ки ба хонаи Корнилюс равад ва ӯ ҳамроҳи одамони фиристодашуда ба он ҷо равон шуд.

4 Агар Петрус фақат аз рӯйи он чӣ ки медид, ҳукм мекард, ӯ ҳеҷ гоҳ ба хонаи Корнилюс намедаромад. Чунки яҳудиён ба хонаи ғайрияҳудиён намедаромаданд. Пас, чаро Петрус нигоҳ накарда ба бадгумонӣ нисбати ғайрияҳудиён, ки ба дилаш чуқур реша давонда буд, ба хонаи Корнилюс даромад? Рӯъёе, ки Петрус дид ва роҳнамоии аниқи рӯҳи муқаддас тарзи фикррониашро дигар кард. Вақте ӯ нақли Корнилюсро шунид, бе дудилагӣ чунин гуфт: «Акнун ман фаҳмидам, ки Худо ба ҳама бо як чашм менигарад, ва ҳар кӣ аз Ӯ тарсаду дуруст рафтор кунад, аз кадом халқе набошад, ба Ӯ маъқул аст» (Аъм. 10:34, 35). Ин фаҳмиш барои Петрус нав буд ва ӯро ба ҳаяҷон овард. Биёед, бинем, ки он ба ҳама масеҳиён чӣ гуна таъсир кард.

5 Яҳува ба воситаи Петрус ба ҳамаи дигар масеҳиён фаҳмондан мехост, ки Ӯ ба ҳама бо як чашм менигарад. Ӯ одамонро аз рӯйи нажод, миллату маданият ва забонашон аз ҳамдигар ҷудо намекунад ва касеро аз дигаре боло намешуморад. Ҳар мард ё зане, ки аз Худо метарсаду дуруст рафтор мекунад, ба Ӯ писанд аст (Ғал. 3:26–28; Ваҳӣ 7:9, 10). Албатта, шумо инро аллакай медонед. Вале шояд шумо дар мамлакат ё оилае ба воя расидаед, ки аксарият нисбати одамони халқу миллаташон дигар ҳисси бадбинӣ доштанд. Ҳарчанд шумо ҳозир худро одами беғараз фикр мекунед, лекин мумкин дар қаъри дилатон ҳисси бадгумонӣ боқӣ монда бошад. Масалан, Петрус ҳарчанд ба дигарон мефаҳмонд, ки Яҳува ба ҳама бо як чашм менигарад, чанде пас худаш рӯйбинӣ зоҳир кард (Ғал. 2:11–14). Пас, чӣ ба мо кӯмак мекунад, то ба дастуроти Исо итоат кунем ва дигаронро аз рӯйи он чӣ ки мебинем, ҳукм накунем?

6 Мо бояд фикру ҳиссиёти худро бо ёрии Каломи Худо бодиққат тафтиш кунем ва фаҳмем, ки оё дар дили мо ягон зарраи бадгумонӣ боқӣ намондааст (Заб. 118:105). Мумкин мо дар худ ин хислатро пай набарем, лекин шояд дигарон онро дар мо дида, меҳрубонона маслиҳат

3, 4. а) Кадом воқеаҳо Петруси расулро водор карданд, ки нуқтаи назарашро нисбати ғайрияҳудиён дигар кунад? (Ба расми аввали мақола нигаред.) б) Кадом фаҳмиши навро Яҳува ба Петрус кушод?

5. а) Яҳува ба ҳамаи масеҳиён чиро фаҳмондан мехоҳад? б) Нигоҳ накарда ба он ки мо ҳақиқатро медонем, дар қаъри диламон кадом ҳиссиёт шояд боқӣ мондааст?

6. а) Чӣ ба мо кӯмак мекунад, ки бадгумониро аз дили худ решакан кунем? б) Ҳисоботе, ки як бародари масъул навишт, дар бораи ӯ чиро ошкор кард?

диҳанд (Ғал. 2:11, 14). Ҳиссиёти бадгумонӣ то дараҷае дар дили мо ҷой шуда метавонад, ки мо худамон аз он бехабар мемонем. Масалан, бо як бародари масъул чунин шуда буд. Ӯ дар бораи хизмати боғайратонаи як ҷуфти масеҳӣ ба филиал ҳисобот навишт. Онҳо пурравақт хизмат мекарданд ва бародар аз як халқияти камшумор буд. Дигарон он халқро одамони паст меҳисобиданд. Аз афташ он бародари масъул худаш пай намебурд, ки нисбати ин халқият бадгумонӣ дорад. Чунки дар ҳисоботаш ӯ дар бораи он бародар бисёр чизҳои хубро қайд кард, вале дар охир навишт: «Вай [аз фалон миллат] аст, ки *аксарияти* мардумаш бесомону ифлосанд. Лекин ин бародар бо рафтор ва тарзи ҳаёти худ нишон медиҳад, ки ҳама одамони [ин миллат] пасту бесомон нестанд». Дар ин суханони бародар чӣ гуна хатогиро пай бурдед ва мо ба худ чӣ дарс мегирем? Новобаста аз он ки мо дар ташкилот чӣ гуна вазифаро иҷро мекунем, бояд худамонро бодиққат тафтиш кунем. Ва ҳамчунин агар дигарон майли бадгумониро дар мо пай бурда, ба мо маслиҳат диҳанд, онро фурӯтанона қабул кунем. Боз мо чӣ кор карда метавонем?

7 Агар мо дари дили худро боз кунем, ҷойи бадгумониро муҳаббат мегирад (2 Қӯр. 6:11–13). Оё шумо одатан танҳо бо шахсони ҳаммиллату ҳамзабони худатон муошират мекунед? Агар ҳа, пас кӯшиш кунед, ки дари дилатонро ба дигарон низ кушоед. Масалан, шумо метавонед бо бародарону хоҳарони дигар миллату забон якҷоя хизмат кунед. Ё онҳоро барои хӯроккӯрӣ ё вохӯрии дӯстона таклиф намоед (Аъм. 16:14, 15). Ҳамин тавр шумо дили худро чунон аз муҳаббат пур мекунед, ки ба бадгумонӣ дигар ҷой намемонад. Вале боз дигар чизҳое ҳастанд, ки бисёр вақт мо аз рӯйи онҳо ба одамон баҳо додан мехоҳем. Масалан, аз рӯйи вазъи моддӣ ва боигарӣ.

7. Чӣ тавр мо дари дили худро боз карда метавонем?

## БА БОЮ КАМБАҒАЛ ЯК ХЕЛ МУНОСИБАТ КУНЕД

8 Одамон инчунин майл доранд, ки ба якдигар аз рӯйи боигарӣ ва вазъи моддӣ баҳо диҳанд. Дар Ибодат 19:15 гуфта шудааст: «Дар мурофиа беинсофӣ накун, ба камбағал рӯбинӣ нанамо ва ба шахси бузург тамаллуқ [хушомад] накун; ёри худро аз рӯи инсоф доварӣ намо». Вале чӣ тавр бой ё камбағал будани шахс ба нуқтаи назари мо нисбати ӯ таъсир карда метавонад?

9 Сулаймон зери таъсири рӯҳи муқаддаси Худо дар бораи одамони нокомил ҳақиқати талхеро баён кард. Дар Масалҳо 14:20 гуфта шудааст: «Бенаво барои ёри худ низ нафратангез аст, вале сарватдор дӯстони бисёре дорад». Аз ин масал мо чӣ дарс мегирем? Агар мо эҳтиёт нашавем, дар мо хоҳиш пайдо шуда метавонад, ки бо бародарону хоҳарони бой дӯст шавему аз ҳамимонони камбағал худро дур кашем. Барои чӣ қадру қимати дигаронро аз рӯйи боигариашон чен кардан хато аст?

10 Агар мо ба дигарон аз рӯйи вазъияти иқтисодиашон баҳо диҳем, байни аъзоёни ҷамъомад тухми ҷудоӣ мекорем. Дар баъзе ҷамъомадҳои асри як чунин проблема пайдо шуда буд, барои ҳамин шогирди Исо — Яъқуб масеҳиёнро аз он огоҳ кард. **(Яъқуб 2:1–4-ро хонед.)** Мо набояд гузорем, ки дар ҷамъомади мо ҷудоӣ бошад. Пас, чӣ кор кунем, то бо майли дигаронро аз рӯйи вазъи моддиашон баҳо додан мубориза барем?

11 Ба мо лозим аст, ки ба бародарону хоҳарон мисли Яҳува нигоҳ кунем. Қадри инсон дар пеши Яҳува аз рӯйи бой ё камбағал буданаш бар-

8. Мувофиқи Ибодат 19:15 мо чӣ гуна майл дошта метавонем?

9. Сулаймон кадом ҳақиқати талхро навишт ва аз ин мо чӣ дарс мегирем?

10. Яъқуб масеҳиёнро аз кадом проблема огоҳ кард?

11. Чаро гуфтан мумкин аст, ки муносибати бо Яҳува доштаи шахс аз чизҳои моддӣ вобаста нест?

кашида намешавад. Барои бо Яҳува муносибати наздик доштан бой ё камбағал будани мо ягон нақш намебозад. Исо гуфт, ки «ба одами сарватманд ба Подшоҳии осмон дохил шудан душвор хоҳад буд», лекин ӯ нагуфт, ки одамони бой тамоман ба он даромада наметавонанд (Мат. 19:23). Аз дигар тараф, Исо гуфт: «Хушбахтед шумо, эй онҳое, ки камбағал ҳастед, зеро Подшоҳии Худо аз они шумост» (Луқ. 6:20). Вале ин маънои онро надошт, ки ҳамаи камбағалон таълимоти Исоро қабул карданд ва ба таври махсус баракат ёфтанд. Дар асл бисёр одамони камбағал хушхабарро қабул накарданд. Хулоса, аз рӯйи бой ё камбағал будани кас мо баҳо дода наметавонем, ки то чӣ андоза муносибати ӯ бо Яҳува наздик аст.

12 Дар байни халқи Яҳува бародарону хоҳарони ҳам бой ва ҳам камбағал ҳастанд, ки ҳамаи онҳо Яҳуваро дӯст медоранд ва аз таҳти дил ба Ӯ хизмат мекунанд. Китоби Муқаддас ба касоне ки бой ҳастанд, маслиҳат медиҳад, ки «на ба сарвати нобудшаванда, балки ба Худо умед банданд». **(1 Тимотиюс 6:17–19-ро хонед.)** Ҳамзамон, Каломи Худо ҳамаи хизматгорони Яҳува — ҳам шахсони бой ва ҳам камбағалро насиҳат мекунад, ки пулпараст нашаванд (1 Тим. 6:9, 10). Дар ҳақиқат, вақте ки мо ба бародарону хоҳарон бо чашмони Яҳува нигоҳ мекунем, мо онҳоро аз рӯйи бой ё камбағал буданашон баҳо намедиҳем. Лекин дар бораи синну соли шахс чӣ гуфтан мумкин аст? Оё аз рӯйи он ба кас баҳо додан оқилона аст? Биёед инро дида бароем.

## БА ОДАМОН АЗ РӮЙИ СИННУ СОЛ БАҲО НАДИҲЕД

13 Дар Навиштаҳо бисёр вақт ба мо маслиҳат дода мешавад, ки калонсолонро ҳурмату эҳтиром кунем. Масалан, дар Ибодат 19:32 мо мехонем: «Пеши мӯйсафед бархез ва пирро эҳтиром намо, ва аз Худои худ тарсон бош. Ман Худованд ҳастам». Дар Масалҳо 16:31 низ навишта шудааст: «Тоҷи ҷалолат мӯйсафедист, ки он дар роҳи адолат муяссар мегардад». Ҳамчунин Павлуси расул Тимотиюсро насиҳат кард, ки ба бародарони калонсол сахт гап назанад, балки бо онҳо чун ба падар муносибат кунад (1 Тим. 5:1, 2). Ҳарчанд, Тимотиюс чун бародари масъул ҳокимият дошт, ӯ бояд бо бародарони пиронсол бо дилсӯзӣ ва эҳтиром муомила мекард.

14 Лекин чӣ бояд кард, агар бародар ё хоҳари калонсол дидаю дониста гуноҳ кунад, ё ба рафторе даст занад, ки ба Яҳува писанд нест? Оё «ӯ аз мо калон» гуфта, бояд гуноҳашро ба назар нагирем ё вайро тарафгирӣ кунем? Яҳува аз рӯйи он чӣ ки ба чашм намоён аст, ҳукм намекунад ва пиронсолии касро рӯйихотир карда, ба гуноҳаш чашм намепӯшад. Ба принсипе, ки дар Ишаъё 65:20 оварда шудааст, аҳамият диҳед: «Агар гуноҳкор дар синни садсолагӣ бимирад, ба лаънат дучор мешавад». Принсипи ба ин монанд дар рӯъёи Ҳизқиёл нишон дода шудааст (Ҳиз. 9:5–7). Хулоса, мо бояд пеш аз ҳама Худои Атиқулайём, яъне Яҳуваро, ки аз азал вуҷуд дорад, ҳурмат кунем (Дон. 7:9, 10, 13, 14). Эҳтиром ба Яҳува ба мо далерӣ мебахшад, то шахси хатокардаро, хоҳ вай пир бошад, хоҳ ҷавон, ислоҳ кунем (Ғал. 6:1).

15 Агар бародар ҷавон бошад-чӣ? Оё ин маънои онро дорад, ки ӯ ба ҳурмати мо сазовор нест? Не албатта. Павлус ба Тимотиюси ҷавон навишт: «Нагузор, ки касе аз сабаби ҷавониат ба ту бо назари паст нигоҳ кунад, балки дар гуфтор, рафтор, муҳаббат, имон ва покӣ ба касони вафодор намуна бош» (1 Тим. 4:12). Вақте ки Павлус ин суханонро навишт,

---

12. Ҳам ба одамони бой ва ҳам камбағал Каломи Худо чӣ насиҳат медиҳад?

13. Дар Навиштаҳо оиди ҳурмати калонсолон чӣ гуфта шудааст?

14. Дар кадом ҳолат шахси аз худамон калонро ислоҳ кардан ё танбеҳ додан дуруст мебуд?

15. Аз суханони Павлуси расул мо оиди ҳурмат кардани бародарони ҷавон чӣ меомӯзем?



Оё шумо бародарони ҷавонро эҳтиром мекунед?
(Ба сархати 15 нигаред.)

Тимотиюс тахминан 30-сола буд. Вале Павлус ба ӯ масъулиятҳои ҷиддӣ супорид. Аз ин чӣ гуна дарс гирифта метавонем? Мо ба бародарони ҷавон набояд аз рӯйи синну солашон баҳо диҳем. Агар хизмати заминии Исоро ба хотир орем, ӯ то синни 33 солагӣ аллакай корҳои хеле бисёрро анҷом дод.

16 Мувофиқи маданияти баъзе ҷойҳо одамон ҷавононро писанд намекунанд. Зери таъсири ин маданият баъзе пирон ҳарчанд мебинанд, ки ҷавонон ба талабот мувофиқанд, онҳоро ба пир ё хизматгузори ҷамъомад (пеш «ходими ёвар» мегуфтем) шудан тавсия намекунанд. Лекин, дар ягон ҷойи Навиштаҳо гуфта намешавад, ки бародарон барои чун хизматгузори ҷамъомад ё пир таъйин шудан бояд ба ягон синну соли аниқ расида бошанд (1 Тим. 3:1–10, 12, 13; Тит. 1:5–9). Агар пири ҷамъомад зери таъсири маданияти маҳаллӣ худаш ин ё он қоидаро ҷорӣ кунад, ӯ мувофиқи Навиштаҳо амал намекунад. Пирон ба бародарони ҷавон на дар асоси нуқтаи назари шахсӣ ё маданият, балки аз рӯйи меъёрҳои Каломи Худо бояд баҳо диҳанд (2 Тим. 3:16, 17).

17 Агар пирон ба таъсироти урфу одати маҳаллӣ дода шаванд, онҳо бародарони ба талабот ҷавобгӯро аз гирифтани таъйинот боз медоранд. Мисол, дар як давлат, бародари қобилиятноке хизматгузори ҷамъомад буд ва супоришҳои муҳимро иҷро мекард. Ҳарчанд пирони он ҷамъомад медонистанд, ки вай барои пир шудан ба талабот мувофиқ аст, ӯро тавсия намекарданд. Якчанд пирони калонсол исрор мекарданд, ки он бародар барои пир таъйин шудан зоҳиран хеле ҷавон метобад. Афсӯс он бародарро танҳо аз сабаби ёш тофтанаш пир таъйин накарданд. Ин фақат як мисол аст, лекин ҳисоботҳо нишон медиҳанд, ки чунин ҳолат дар бисёр ҷойҳо дида мешавад. Пас, то чӣ андоза муҳим аст, ки мо ба Навиштаҳо такя кунем, на ба маданият ё ақидаи шахсӣ! Дар он сурат мо ба Исо итоат карда, одамонро аз рӯйи он чӣ ки мебинем, ҳукм намекунем.

16, 17. а) Пирон аз рӯйи чӣ бояд муайян кунанд, ки бародар барои хизматгузори ҷамъомад ё пир таъйин шудан мувофиқат мекунад? б) Чӣ тавр ақидаи шахсӣ ва маданият ба меъёрҳои Навиштаҳо муқобил баромада метавонад?

## АЗ РӮЙИ АДЛУ ИНСОФ ҲУКМ НАМОЕД

18 Нигоҳ накарда ба нокомилӣ, мо метавонем ба дигарон бо чашмони Яҳува нигоҳ карданро ёд гирем (Аъм. 10:34, 35). Вале барои ин мо бояд ҳама вақт саъю кӯшиш кунем ва ба ёдраскуниҳои Каломи Худо диққат диҳем. Вақте мо онҳоро ба кор мебарем, мо ба Исо итоат мекунем ва одамонро аз рӯйи он чӣ ки ба чашм аён аст, ҳукм намекунем (Юҳ. 7:24).

19 Ба наздикӣ Шоҳи мо — Исои Масеҳ тамоми инсониятро доварӣ хоҳад кард, лекин ӯ на бар тибқи нигоҳи чашмонаш, ва шуниди гӯшҳояш, балки аз рӯйи адолат ин корро мекунад (Иш. 11:3, 4). Он замон дар ҳақиқат оличаноб хоҳад буд!

18, 19. Барои ба дигарон бо чашми Яҳува нигаристан мо бояд чӣ кор кунем?



# Ҳеҷ гоҳ намегузоштам, ки дастонам суст шаванд

НАҚЛ КАРД: МАКСИМ ДАНИЛЕЙКО

«ДАДАҶОН», «ПАДАРҶОН», «АМАК» гӯён муроҷиат мекунанд аксари байтилчиёни ҷавон ба мани 89-сола. Ин яке аз мукофотҳоест, ки Яҳува барои 72 соли хизмати пурравақтам додааст. Аз таҷрибаи худ, ман метавонам ин ҷавононро самимона боварӣ бахшам, ки агар дар хизмат дасти худро суст накунанд, Яҳува онҳоро албатта подош медиҳад (2 Вақ. 15:7).

## ВОЛИДОН ВА ХОҲАРУ БАРОДАРОНИ МАН

Падару модари ман аз Украина ба Канада кӯчиданд. Онҳо дар шаҳраки Росберни вилояти Манитоба сокин шуданд. Модари азизи ман 8 писар ва 8 духтар ба дунё овардааст, лекин ҳеҷ кадоми мо дугоник нестем. Ман фарзанди 14-ум мебошам. Падарам Китоби Муқаддасро дӯст медошт ва ҳар саҳар рӯзҳои якшанбе онро ба мо мехонд. Вале ӯ динро чун як воситаи пулкоркунии рӯҳониён меҳисобид ва бисёр вақт шӯхӣ карда, мегуфт: «Аҷоиб, ба Исо барои мавъиза кардан ва таълим доданаш кӣ пул медод?»

Оқибат ҳашт нафар аз хоҳару бародаронам — чор писар ва чор духтар ҳақиқатро қабул карданд. Апаам Роз то охири умраш пешрав буд. Ӯ дар рӯзҳои охири ҳаёташ ҳар як касро насиҳат мекард, ки ба гуфтаҳои Каломи Худо гӯш кунанд ва мегуфт: «Ман туро дар дунёи нав дидан мехоҳам». Сеюм акаам пеш ба дӯзахи оташин бовар мекард. Вай ҳар саҳари рӯзҳои якшанбе дар радио баромад карда, ба шунавандагон гаштаву баргашта мегуфт, ки одамони гунаҳкор абадан дар оташи дӯзах месӯзанд. Баъдтар вай хизматгори содиқ ва боғайрати Яҳува шуд.

## МАН ХИЗМАТИ ПУРРАВАҚТРО САР КАРДАМ

Дар яке аз рӯзҳои моҳи июни соли 1944, ман аз мактаб омада, дар рӯйи мизи хонаамон китобчаеро дидам, ки номаш «Ҳаёт дар оянда бехтар мешавад»* буд. Ман аввал саҳифаи якуми онро хондам, баъд дуюмашро ва баъд дам нагирифта онро то охир хондам. Баъди пурра хондани китобча, ман қарор кардам, ки мисли Исо ба Яҳува хизмат мекунам.

Он китобча дар хонаи мо аз куҷо пайдо шуд? Чуноне ки бародари калониам Стив нақл кард, ду марде, ки китобу брошураҳо мефурӯхтанд, ба хонаамон омада буданд. «Ман яке аз онҳоро харидам,— гуфт ӯ — чунки нархи он ҳамагӣ панҷ сент буд». Он мардон якшанбеи дигар низ омаданд. Онҳо гуфтанд, ки Шоҳидони Яҳува мебошанд ва ба саволҳое, ки одамон доранд, аз рӯйи Китоби Муқаддас ҷавоб медиҳанд. Ин ба мо маъқул шуд,

* Аз тарафи Шоҳидони Яҳува соли 1944 нашр шуда буд. Ҳоло чоп намешавад.

чунки волидонамон моро тавре тарбия карда буданд, ки Каломи Худоро эҳтиром кунем. Он ду мард ҳамчунин гуфтанд, ки ба наздикӣ дар шаҳри Винипег анҷумани Шоҳидони Яҳува мегузарад. Дар он шаҳр хоҳарам Элси зиндагӣ мекард. Ман қарор додам, ки ба он анҷуман меравам.

Ман бо велосипеди худ то Винипег қариб 320 км роҳи ноҳамворро тай кардам. То он ҷо нарасида ман муддате дар шаҳраки Келвуд истодам. Дар он ҷо ду Шоҳиде, ки ба хонаамон омада буданд, зиндагӣ мекарданд. Дар Келвуд ман ба яке аз вохӯрии Шоҳидон рафтам ва чӣ будани ҷамъомадро фаҳмидам. Ва боз фаҳмидам, ки ҳамаи мардону занон ва ҷавонон бояд мисли Исо хона ба хона гашта, ҳақиқатро мавъиза кунанд.

Дар Винипег ман акаи калониам Ҷекро вохӯрдам, ки ӯ ҳам аз тарафи шимолии Онтарио ба анҷуман омада буд. Рӯзи якуми анҷуман, бародаре эълон кард, ки таъмиддиҳӣ мешавад. Ману Ҷек қарор кардем, ки дар он анҷуман таъмид мегирем. Ҳардуи мо сахт мехостем, ки баъди таъмид ҳамин ки имконият пайдо шуд, хизмати пешравиро сар кунем. Ҷек дарҳол баъди он анҷуман хизмати пурравақтро сар кард. Лекин ман, ки ҳоло 16-сола будам, бояд мактабро тамом мекардам. Ва соли дигар ман ҳам пешрави доимӣ шудам.

## ХИЗМАТИ ПЕШРАВӢ БИСЁР ЧИЗҲОРО БА МАН ЁД ДОД

Ман ҳамроҳи Стэн Николсон ном бародар дар шаҳраки Суррей (вилояти Манитоба) хизмати пешравиро сар кардам. Дере нагузашта ман дарк намудам, ки пешрав шуда хизмат кардан на ҳама вақт осон аст. Пуле, ки мо доштем, торафт кам мемонд, вале мо мавъиза карданро давом медодем. Боре мо рӯзи дароз хизмат карда, ба хона баргаштем. Дар кисаамон ягон тин намонда буд ва мо хеле гурусна будем. Лекин дар назди хонаамон як халтаи калони пури хӯроквориро дида сахт ба ҳайрат омадем. То имрӯз мо намедонем, ки онро кӣ гузошта буд. Он бегоҳ мо подшоҳ барин хӯрок хӯрдем. Ин мукофоте буд, барои он ки мо дастонамонро суст накардем ва мавъизаро давом додем! Охири он моҳ ман чунон вазн гирифтам, ки то он вақт дар умрам надоштам.

Пас аз чанд моҳ мо ба шаҳри Гилберт Плейнс таъин шудем, ки он аз шимоли Суррей тахминан 240 км дур буд. Дар он рӯзҳо ҳар як ҷамъомад ҷадвали калоне дошт, ки дар он ҳисобот оиди иштироки ҳармоҳаи воизон дар кори мавъиза нишон дода мешуд. Агар дар ягон моҳ ҷамъомад сусттар хизмат мекард, ман бо нутқ баромад карда, бародарону хоҳаронро водор мекардам, ки онҳо бояд бисёртар хизмат кунанд. Баъди як вохӯрӣ хоҳари пешрави пиронсоле, ки шавҳараш ҳамимон набуд, бо чашмони гирёолуд наздам омада, гуфт: «Ман кӯшиш мекардам, вале аз ин зиёд хизмат карда натавонистам». Баъди шунидани ин суханон акнун гиря кардан навбати ман буд. Ва ман барои хатоям аз ӯ бахшиш пурсидам.

Имрӯз низ баъзе бародарони ҷавону серҳаракат шояд мисли ман ба осонӣ ба чунин хатогиҳо роҳ диҳанд ва баъд аз кори кардаашон пушаймон шаванд. Вале ман аз таҷрибаи худ фаҳмидам, ки шахс набояд аз хатои худ рӯҳафтода шуда, дастонашро суст кунад. Беҳтараш аз хатои худ дарс гирифта ба пеш ҳаракат кардан лозим аст. Он гоҳ Худо хизмати содиқонаро албатта баракат медиҳад.

## МУҲОРИБАИ КВЕБЕК

Чӣ шарафи бузурге буд, ки мани 21-сола ба синфи 14-уми Мактаби Ҷилъод таклиф шудам ва онро моҳи октябри соли 1950 хатм намудам. Аз 103 нафар донишҷӯёни ин синф қариб 25 нафарашон ба вилояти Квебеки Канада таъин шуданд. Он ҷо одамон ба забони фаронсавӣ гап мезаданд ва Шоҳидон зери таъқиботи сахт қарор доштанд. Ман ба шаҳраки Вал-д'Ор, ки он ҷо кони тилло ҷойгир мебошад, таъин шудам. Рӯзе ман ва якчанд Шоҳидони дигар дар наздикии он шаҳрак, дар Вал-Сенвил ном қишлоқ мавъиза мекардем. Ва рӯҳонии маҳаллӣ ба мо таҳдид кард, ки агар аз қишлоқ наравем, моро лату кӯб мекунад. Мо ба суд оиди таҳдиди он мард шикоят кардем ва даъвогар ман будам. Дар натиҷа, аз он рӯҳонӣ ҷарима ситонида шуд*.

Ин ва дигар воқеаҳои ба ин монанд қисми муҳорибаи ҳуқуқӣ дар Квебек буданд. Вилояти Квебек дар давоми зиёда аз 300 сол зери назорати Калисои католикии Рум буд. Рӯҳониён ва иттифоқчиёни сиёсии онҳо Шоҳидони Яҳуваро таъқиб мекарданд. Он вақтҳо осон набуд ва шумораи Шоҳидон кам буд, вале мо нагузоштем, ки дастонамон суст шаванд. Дар натиҷа сокинони самимии Квебек ҳа-

* Ба мақолаи «Рӯҳонии квебекӣ барои ҳамла ба Шоҳидони Яҳува маҳкум карда шуд» аз «Бедор шавед!»-и 8 ноябри соли 1953, саҳ. 3–5 (англ.) нигаред.

қиқатро қабул мекарданд. Ман хеле хурсандам, ки якчанд омӯзандагонам ҳақиқатро қабул карданд. Масалан, ман бо оилае омӯзиш мекардам, ки аз даҳ нафар иборат буд. Тамоми аъзоёни он оила ба Яҳува хизмат карданро сар карданд. Намунаи далерии онҳо дигаронро барангехт, ки калисои католикиро тарк кунанд. Мо мавъиза карданро давом медодем ва оқибат дар муҳорибаи ҳуқуқӣ ғолиб баромадем!

## ТАЪЛИМ ДОДАНИ БАРОДАРОН БО ЗАБОНИ МОДАРИИ ОНҲО

Соли 1956 ман ба мамлакати Ҳаити таъин шудам. Дар он ҷо аксари миссионерони нав бо як азоб кӯшиш менамуданд, ки забони фаронсавиро ёд гиранд, вале чӣ хеле гап назананд, одамон онҳоро гӯш мекарданд. Миссионер Стенли Богэс чунин нақл кард: «Мо аз он дар ҳайрат будем, ки одамон дар вақти сӯҳбат бо ҳар роҳ ба мо кӯмак кардан мехостанд, то мо фикрамонро баён карда тавонем». Азбаски ман дар Квебек забони фаронсавиро ёд гирифта будам, хизмат карданам осонтар буд. Лекин дере нагузашта фаҳмидем, ки аксари бародарони маҳаллӣ танҳо бо забони ҳаити-креолӣ гап мезананд. Ва барои чун миссионер самаранок хизмат кардан, мо бояд забони маҳаллиро меомӯхтем. Оқибат мо онро ёд гирифтем ва барои кӯшишҳоямон Яҳува моро мукофот дод.

Барои ба бародарон кӯмаки зиёдтар расондан мо аз Ҳайати роҳбарикунанда иҷозат гирифтем, ки маҷаллаи «Бурҷи дидбонӣ» ва дигар адабиётҳоро ба забони ҳаити-креолӣ тарҷума кунем. Дар саросари мамлакат шумораи касоне, ки ба вохӯриҳои ҷамъомад меомаданд, бо суръати тез меафзуд. Соли 1950 дар Ҳаити 99 воиз буд, вале соли 1960 шумораи онҳо қариб ба 800 нафар расид. Дар он вақт маро ба хизмати Байт-Ил таъин карданд. Соли 1961 дар Ҳаити Мактаби Хизмат ба Салтанати Худо (мактаб барои пирон) гузаронда шуд. Ва ман хурсанд будам, ки дар гузаронадани он кӯмак кардам. Мо имконият доштем, ки 40 нафар нозирони ҷамъомад ва пешравони махсусро таълим диҳем. Дар анҷумане, ки соли 1962 гузашт, мо бародарони маҳаллии ба талабот ҷавобгӯро барангехтем, ки хизматашонро васеъ кунанд. Дар натиҷа баъзеи онҳо пешравони махсус таъин шуданд. Ҳамаи ин кор саривақтӣ буд, чунки ҳис мекардем, ки ба наздикӣ таъқибот сар мешавад.

23 январи соли 1962 дарҳол баъди анҷуман, ман ва миссионер Андре Дамико дар бинои филиал дастгир шудем. Ҳамчунин як даста маҷаллаи

▶ Ҳангоми сафар ба анҷуман, дар “наклиёти ҷамъиятӣ”

▼ Рӯзи тӯямон





«Бедор шавед!» аз 8 январи с. 1962 (бо забони фаронсавӣ) мусодира карда шуд. Дар он шумораи «Бедор шавед!» аз рӯзномаи фаронсавие иқтибос оварда шуда буд, ки мардуми Ҳаити одати бо вуду (сеҳру ҷоду) машғул шуданро доранд. Ин гуфтаҳо ба баъзеҳо маъқул нашуд ва онҳо даъво карданд, ки чунин мақоларо мо аз филиал навиштаем. Баъди якчанд ҳафта, миссионерон аз мамлакат ронда шуданд. Вале бародарони маҳаллии таълимёфта корро ба таври хеле хуб давом медоданд. Ман истодагарӣ ва пешравии рӯҳонии онҳоро дида ба хурсандиашон шарикам. Онҳо имрӯз ҳатто бо забони ҳаити-креолӣ «Китоби Муқаддас — Тарҷумаи дунёи нав» доранд, ки он вақтҳо ин танҳо орзу буду халос.

## СОХТМОН ДАР ҶУМҲУРИИ АФРИҚОИ МАРКАЗӢ

Баъди хизмат дар Ҳаити маро чун миссионер ба Ҷумҳурии Африқои Марказӣ таъин карданд. Баъдтар ман дар он ҷо чун нозири сайёр ва сипас чун нозири филиал хизмат кардам.

Дар он рӯзҳо бисёри Толорҳои Салтанат хеле одӣ буданд. Ман аз буттазор коҳ ҷамъ карда, аз он сохтани боми коҳиро ёд гирифтам. Роҳгузарон ин машғулияти нави маро истода тамошо мекарданд. Он ҳамчунин бародаронро барангехт, ки дар бораи сохтан ва нигоҳубин кардани Толорҳои маҳаллии Салтанат бисёртар фикр кунанд. Роҳбарони динӣ моро масхара мекарданд, зеро боми калисоҳои онҳо аз тунука сохта шуда буд, боми толорҳои мо бошад, тунукагин набуд. Мо ба гапҳои онҳо аҳамият надода, дар толорҳои оддие, ки боми хасин доштанд, ҷамъшавиро давом медодем. Вақте ки дар пойтахт — шаҳри Банги тӯфони сахте рӯй дод, онҳо масхара кардани моро бас карданд. Чунки шамол боми тунукагини калисоро канда, ба кӯчаи шаҳр партофта буд. Бомҳои хасини Толорҳои мо бошад, беҷо нашуданд. Барои ба кори мавъиза хубтар роҳбарӣ кардан, мо бинои нави филиал ва хонаи миссионерӣ сохтем, ки он ҳамагӣ дар панҷ моҳ буд шуд.

## ҲАЁТИ ОИЛАВӢ БО ҲАМСАФАРИ БОҒАЙРАТ

Соли 1976 кори Салтанат дар Ҷумҳурии Африқои Марказӣ манъ шуд ва ман ба пойтахти ҳамсоядавлати Чад, шаҳри Нҷамена таъин шудам. Дигар шудани таъинотам ҷиҳати мусбӣ ҳам дошт, чунки ман Ҳепи ном ҳоҳари боғайратеро вохӯрдам, ки ҷун пешрави махсус хизмат мекард ва аслан аз Камерун буд. Мо 1-уми апрели соли 1978 хонадор шудем. Худи ҳамон моҳ дар Нҷамена ҷанги шаҳрвандӣ сар зад ва мо низ мисли бисёриҳо ба тарафи ҷануби мамлакат гурехтем. Баъди тамом шудани ҷанг, мо баргашта дидем, ки хонаи моро гурӯҳи яроқбадастон чун бинои асосии худ истифода бурдаанд. На танҳо адабиётҳоямон, балки куртаи арӯсии Ҳепи ва чизҳое, ки дар тӯямон тӯҳфа шуда буданд, гум шудаанд. Лекин мо нагузоштем, ки дастҳоямон суст шаванд. Мо аз зинда будани ҳамдигар хурсанд будем ва хизматамонро давом додем.

Баъди қариб ду сол, ҳукумати Ҷумҳурии Африқои Марказӣ аз нав ба фаъолияти мо иҷозат дод. Мо гашта ба он ҷо рафтем ва ман чун нозири сайёр хизмат карданро давом додам. Мо дар фургоне зиндагӣ мекардем, ки кати хоби қатшаванда, зарфи ғунҷоишаш 200-литра, яхдон ва печкаи газӣ дошт. Аз як ҷамъомад ба дигараш сафар кардан душвор буд. Масалан, ҳангоми як сафар моро камаш 117 бор кормандони полис боздошта, тафтиш намуда буданд.

Дар он ҷо ҳарорат бисёр вақт то 50 дараҷа гарм мешуд. Дар анҷуманҳо баъзан барои таъмиддиҳӣ оби кофӣ ёфтан душвор буд. Ва бародарон дар дарёи хушкшуда чоҳ кофтанд, ки дар он ҷо аз зери замин оби кофӣ ҷамъ мешуд. Ва аз он ҷо об гирифта бисёр вақт дар бочка таъмид медоданд.

## ДАВОМ ДОДАНИ ХИЗМАТ ДАР ДАВЛАТҲОИ ДИГАРИ АФРИҚО

Соли 1980 моро ба Нигерия фиристоданд. Он ҷо дар давоми дуюним сол мо дар корҳои тайёрӣ доир ба сохтмони филиали нав ёрӣ расондем. Бародарон анбори дуошёнаеро харида буданд, ки он аввал бояд вайрон карда мешуд. Баъдан аз масолеҳи он дар замини худ анбори нав месохтем. Рӯзе ман ба боми хеле баланд баромадам, то барои вайрон кардан ба бародарон кӯмак кунам. Қарибии нисфирӯзӣ ман аз ҷойҳое, ки баромада будам гашта фаромаданӣ шудам, вале ҷое ки пой мондам аллакай ноустувор шуда буд. Ва ман ба поён афтида осеб дидам. Аҳволам вазнин метофт, вале баъди муоина ва ташхиси рентгенӣ духтур ба Ҳепи гуфт: «Натарсед, танҳо баъзе пайванди буғумҳояш канда шуданд ва ӯ баъди ягон ҳафта сиҳат мешавад».

Соли 1986 мо ба Кот-Дивуар таъин шудем, ки он ҷо ман чун нозири сайёр хизмат кардам. Ҳангоми дар он ҷо хизмат кардан мо ба давлати ҳамсоя — Буркина-Фасо рафта будем. Он вақт ман тасаввур намекардам, ки баъди чанд сол мо дар Буркина-Фасо ҳам зиндагӣ мекунем.

Ман соли 1956 аз Канада рафтам ва 47 сол он ҷо набудам. Вале соли 2003 боз ба Байт-Или Канада баргаштам ва ин дафъа ҳамсарам Ҳепи ҳамроҳам буд. Дар ҳуҷҷат мо шаҳрвандони Канада будем, лекин мо худро африқоӣ ҳис мекардем.

Сипас соли 2007, вақте ки ман 79-сола будам, мо боз ба Африқо баргаштем! Мо ба Буркина-Фасо таъин шудем, ки дар офиси он ҷо ман чун аъзои Кумитаи мамлакат ёрӣ медодам. Он баъдтар офиси дурдасти тарҷумонӣ шуд, ки зери назорати филиали Бенин қарор гирифт ва моҳи августи соли 2013 мо ба Байт-Или Бенин таъин шудем.

Нигоҳ накарда ба он ки ман ҳозир қувваи ҷисмонии зиёд надорам, хизматро то ҳол сахт дӯст медорам. Дар давоми се соли охир бо ёрдами меҳрубонаи пирон ва дастгирии ҳамсари азизам, ман бо ду мард, Гедеон ва Фригис, омӯзиши Китоби Муқаддас гузарондам. Ман хурсандам, ки ҳар дуи онҳо таъмид гирифтанд ва ҳоло боғайратона ба Яҳува хизмат мекунанд.

Айни замон ману ҳамсарам ба филиали Африқои Ҷанубӣ кӯчидем, ки дар он ҷо оилаи Байт-Ил меҳрубонона дар бораи саломатии ман ғамхорӣ мекунанд. Африқои Ҷанубӣ ҳафтумин мамлакати Африқо мебошад, ки мо имконият доштем дар он ҷо низ хизмат кунем. Моҳи октябри соли 2017 Яҳува моро боз ба таври оличаноб баракат дод. Мо ба маросими бахшидашавии Идораи марказӣ дар Уорвик (Ню-Йорк) таклиф шудем. Ҳузур доштан дар он ҷо барои мо воқеаи фаромӯшнашаванда аст!

Дар «Солномаи 1994» (англ.), дар саҳифаи 255 қайд шудааст: «Мо ҳамаи онҳоеро, ки солҳои зиёд дар хизмати худ истодагарӣ зоҳир мекунанд, ташвиқ мекунем, ки “қавӣ бошед, ва бигзор дастҳотон суст нашавад, зеро ки барои аъмолатон подоше ҳаст”» (2 Вақ. 15:7). Ҳепи ва ман азми қавӣ дорем, ки мувофиқи ин суханон амал кунем ва дигаронро низ ба кардани ин кор барангезем.



◀ Вақти чун нозири сайёр хизмат кардан, хонаи мо фургон буд

▶ Гузаронидани омӯзиши Китоби Муқаддас дар Буркина-Фасо

▼ Бо Ҳепи ҳангоми хизмат дар филиали Бенин







# Саховатмандӣ касро хушбахт мегардонад

*«Додан назар ба гирифтан хушбахтии бештар меорад»* (АЪМ. 20:35).

СУРУДҲО: **153, 14**

**ШУМО ЧӢ ТАВР ҶАВОБ МЕДОДЕД?**

Чаро гуфтан мумкин аст, ки ҳар як инсон саховатманд буда метавонад?

Вақту қуввати худро барои кори мавъиза дареғ надоштан чӣ тавр бо хурсандӣ алоқаманд аст?

Барои саховатманд будан дар Навиштаҳо кадом сабабҳо оварда шудаанд?

ПЕШ аз он ки Яҳува Оламро офарад, Ӯ танҳо худаш вуҷуд дошт. Лекин Ӯ фақат дар бораи Худ фикр накард, балки ба офаридаҳои соҳибақл — фариштагон ва одамон ҳаёт бахшид. Яҳува, ки «Худои хушбахт» аст, додани атоҳои некро дӯст медорад (1 Тим. 1:11; Яъқ. 1:17). Ва Худо мехоҳад, ки мо ҳам хушбахт бошем, барои ҳамин Ӯ ба мо саховатмандиро таълим медиҳад (Рум. 1:20).

2 Худо инсонро ба шабоҳати Худ офарид (Ҳас. 1:27). Яъне Яҳува моро тавре офарид, ки хислатҳои Ӯро зоҳир кунем. Мо дар ҳаёт ҳамон вақт хушбахту қаноатманд мешавем, агар мисли Яҳува дар бораи дигарон фикр кунем ва саховатманд бошем (Флп. 2:3, 4; Яъқ. 1:5). Чаро? Чунки Яҳува моро ҳамин тавр сохтааст. Нигоҳ накарда ба нокомилиамон мо метавонем ба саховатмандии Яҳува пайравӣ кунем.

3 Китоби Муқаддас чӣ тавр босаховат шуданро мефаҳмонад. Биёед аз Навиштаҳо доир ба ин мавзӯъ якчанд дарсро дида бароем. Мо аз ин мақола мефаҳмем, ки саховатманд будан ба мо

1. Чӣ исбот мекунад, ки Яҳува саховатманд аст?

2, 3. а) Барои чӣ саховатманд будан ба мо хурсандӣ меорад? б) Мо дар ин мақола чиро дида мебароем?

ёрӣ медиҳад, ки розигии Худоро ба даст орем, супоришеро, ки Ӯ додааст иҷро кунем ва дар ҳаёт хушбахт бошем. Боз мефаҳмем, ки чаро инкишоф додани ин хислат муҳим аст.

## ЧӢ ТАВР РОЗИГИИ ХУДОРО БА ДАСТ ОРЕМ?

4 Яҳува мехоҳад, ки одамон ба хислатҳои Ӯ пайравӣ кунанд, барои ҳамин бо зоҳир кардани саховатмандӣ мо дили Яҳуваро шод мегардонем (Эфс. 5:1). Яҳува ҷисми моро ба таври аҷоиб офаридааст ва табиати бою зебо ато кардааст. Маълум, ки Ӯ хушбахт будани одамонро мехоҳад (Заб. 103:24; 138:13–16). Пас, вақте мо ба хушбахтии дигарон мусоидат мекунем, Яҳуваро ҷалол медиҳем.

5 Исо низ дар ҳаёташ бисёр саховатмандӣ нишон дода, барои мо намунаи комил гузоштааст. Ӯ гуфт: «Писари одам низ на барои он омад, ки ба вай хизмат кунанд, балки, барои он ки ба дигарон хизмат кунад ва ҷони худро барои фидияи бисёр касон диҳад» (Мат. 20:28). Аз ин рӯ Павлуси расул масеҳиёнро барангехт: «Ҳамон тарзи фикррониеро дошта бошед, ки Исои Масеҳ дошт... ӯ худро аз ҳама чиз маҳрум сохта, ба сурати ғулом даромад» (Флп. 2:5, 7). Хуб мебуд, то ҳар яки мо ба худ савол диҳем: Оё ман боз ҳам зиёдтар ба хислатҳои Исо пайравӣ карда метавонам? **(1 Петрус 2:21-ро хонед.)**

6 Ба намунаи комили Яҳува ва Исо пайравӣ карда, мо розигии Яҳуваро ба даст меорем. Барои ин мо бояд дар бораи беҳбудии дигарон фикр кунем ва ба онҳо кӯмаки аз дастамон меомадаро расонем. Исо инро дар масал оиди марди сомарӣ равшан нишон дод. **(Луқо 10:29–37-ро хонед.)** Ӯ ба пайравонаш таълим дод, ки ба дигарон, новобаста аз он ки онҳо кистанд ва аз куҷоянд, дасти ёрӣ дароз кунанд. Оё дар хотир доред, ки барои чӣ Исо ин масалро нақл кард? Марди яҳудие аз ӯ пурсида буд: «Дигарон гуфта, кӣ дар назар дошта шудааст?» Аз ҷавоби Исо мо мефаҳмем, ки барои писанди Яҳува гаштан, мо бояд мисли он марди сомарӣ нисбати ҳама гуна одамон саховатманду некӯкор бошем.

7 Боз як сабаби дигаре ҳаст, ки мо бояд сахӣ бошем ва дар бораи беҳбудии дигарон фикр кунем. Ин сабаб бо саволи баҳсноке, ки Шайтон дар боғи Адан бардошта буд, алоқаманд аст. Шайтон гуфт, ки агар Одаму Ҳавво ба Худо беитоатӣ карда, танҳо дар бораи худашон фикр кунанд, хушбахт мешаванд. Ҳавво ӯро гӯш карда, худбинона амал кард ва хост, ки мисли Худо бошад. Одам низ худхоҳона рафтор кард, чунки бештар ба Ҳавво писанд омадан хост, на ба Худо (Ҳас. 3:4–6). Ба ҳамаи мо равшан аст, ки оқибати рафтори онҳо ҳалокатовар буд. Бале, танҳо дар бораи худ фикр кардан, на хушбахтӣ, балки бадбахтӣ меорад. Вақте ки мо оиди беҳбудии дигарон фикр карда, саховатмандӣ зоҳир мекунем, роҳҳои Яҳуваро дастгирӣ мекунем.

## ИҶРО КАРДАНИ СУПОРИШЕ, КИ ХУДО ДОДААСТ

8 Ҳарчанд Одаму Ҳавво дар боғи Адан танҳо буданд, онҳо бояд дар бораи беҳбудии дигарон фикр мекарданд. Чаро? Яҳува ба онҳо супориш дод, ки заминро бо насли худ пур кунанд ва онро ба биҳишт табдил диҳанд (Ҳас. 1:28). Чуноне ки Офаридгор

4, 5. Яҳува ва Исо нисбати мо чӣ гуна саховатмандӣ зоҳир карданд ва чаро мо бояд ба онҳо пайравӣ кунем?

6. Бо овардани масал оиди марди сомарӣ Исо ба мо чиро таълим дод? (Ба расми аввали мақола нигаред.)

7. Худбин будан ё набудан чӣ тавр бо саволи баҳсталаб алоқаманд аст?

8. Барои чӣ Одаму Ҳавво бояд дар бораи дигарон фикр мекарданд?



Ба одамони самимӣ барои фаҳмидани ҳақиқат ёрӣ расондан хеле хурсандиовар аст
(Ба сархати 12 нигаред.)

беҳбудии ҳар як офаридаи худро хоҳон аст, Одаму Ҳавво низ бояд оиди хушбахтии фарзандонашон, ки ҳоло ба дунё наомада буданд, фикр мекарданд. Яҳува интизор буд, ки Одаму Ҳавво бо насли афзудаистодаи худ ҳамкорӣ карда, тамоми заминро ба биҳишт табдил диҳанд. Ин дар ҳақиқат кори бузурге буд!

9 Барои заминро ба биҳишт табдил додан одамони комил бояд бо Яҳува зич ҳамкорӣ мекарданд. Онҳо супориши Худоро иҷро карда, ҳамин тавр ба оромии Худо дохил шуда метавонистанд (Ибр. 4:11). Танҳо тасаввур кунед, ки то чӣ андоза иҷрои ин супориш қаноатбахшу хурсандиовар мебуд! Бешубҳа, агар Одаму Ҳавво бар манфиати дигарон меҳнат мекарданд, ин ба онҳо баракатҳои зиёд меовард.

10 Имрӯз Яҳува ба халқи худ вазифа додааст, ки мавъиза кунанд ва шогирд тайёр намоянд. Барои ин супоришро иҷро кардан, мо бояд самимона дар бораи беҳбудии дигарон фикр кунем. Ин корро танҳо ҳамон вақт давом дода метавонем, агар онро аз нияти дуруст, яъне аз муҳаббат ба Худо ва одамон иҷро кунем.

11 Дар асри як Павлус худаш ва дигар масеҳиёнро «ҳамкорони Худо» номид, зеро онҳо бо коштан ва об додани тухми ҳақиқат машғул буданд (1 Қӯр. 3:6, 9). Имрӯз низ агар мо вақту қувват ва дороии худро бо омодагӣ барои иҷрои супориши Яҳува сарф кунем, «ҳамкорони Худо» шуда метавонем. Ин дар ҳақиқат шарафи бузург аст!

12 Вақту қуввати худро дареғ надошта, дар кори мавъиза ва шогирдсозӣ иштирок кардан ҳаёти моро пурмазмун мегардонад. Инро бисёр бародарону хоҳароне, ки омӯзиши Китоби Муқаддас мегузаронанд, тасдиқ мекунанд. Вақте мо мебинем, ки омӯзандагонамон аз фаҳмидани ҳақиқат ба ҳаяҷон меоянд, мо низ бениҳоят хурсанд мешавем. Ва вақте ки онҳо рӯҳан пешравӣ мекунанд, ба ҳаёташон дигаргуниҳо медароранд ва ба дигарон мавъиза карданро сар мекунанд, ин барои мо дар ҳақиқат баракат аст. Ба ин монанд, вақте ки 70 шогирди Исо аз хизмати мавъиза натиҷаҳои хуб ба даст оварда, «шоду хурсанд» баргаштанд, Исо низ бисёр хушҳол шуд (Луқ. 10:17–21).

13 Воизон дар тамоми дунё аз дидани он ки хушхабар ба ҳаёти одамон таъсири хуб мерасонад, шодӣ мекунанд. Инро мисоли хоҳари муҷаррад, Анна* нишон медиҳад. Ӯ хизматашро васеъ карда, ба Аврупои Шарқӣ, ки дар он ҷо ба воизон ниёзи калон ҳаст, кӯчид. Ӯ нақл мекунад: «Ин ҷо ба ман хеле маъқул аст, зеро дар ин ҷо шахсоне, ки Ки-

* Ном иваз шудааст.

9. Чаро заминро ба биҳишт табдил додан, ба одамон хушбахтии зиёд оварда метавонист?

10, 11. Чӣ тавр мо супориши мавъизакунӣ ва шогирдсозиро иҷро карда метавонем?

12, 13. Дар бораи баракатҳое, ки кори шогирдсозӣ меорад, шумо чӣ мегуфтед?

тоби Муқаддасро омӯзиш кардан мехоҳанд, беҳад бисёранд. Хизмат бароям ҳаловатбахш аст. Баъди аз хизмат ба хона баргаштан, ман вақт надорам, ки ба ташвишҳои худам дода шавам. Чунки дар бораи омӯзандагонам ва ташвишу душвориҳои онҳо фикр мекунам. Ман барои онҳоро рӯҳбаланд кардан ва кӯмаки амалӣ расондан имконият меҷӯям. Дар ҳақиқат, “додан назар ба гирифтан хушбахтии бештар меорад”» (Аъм. 20:35).

14 Агар одамон мавъизаи моро гӯш накунанд ҳам, мо аз хизмат хурсандӣ мегирем, зеро ба онҳо имконият додем, ки хушхабарро шунаванд. Охир, супорише, ки мо имрӯз иҷро мекунем ба хизмати пайғамбар Ҳизқиёл монанд аст. Яҳува ба ӯ гуфт: «Суханони Маро ба онҳо бигӯй, хоҳ бишнаванд ва хоҳ аз шунидан рӯй тобанд» (Ҳиз. 2:7; Иш. 43:10). Ҳарчанд баъзеҳо мавъизаи моро қадр намекунанд, Яҳува кӯшишҳои моро қадр мекунад. **(Ибриён 6:10-ро хонед.)** Як бародар рӯҳияи хеле хуб нишон дода чунин мегӯяд: «Мо мекорем, об медиҳем ва бо умед дуо мегӯем, ки Яҳува шавқи одамонро зиёд гардонад» (1 Қӯр. 3:6).

## ЧӢ ТАВР ХУШБАХТИРО БА ДАСТ ОРЕМ?

15 Исо мехоҳад, ки мо саховатмандӣ зоҳир карда хушбахтӣ ба даст орем. Ба бисёр одамон саховатмандӣ бетаъсир намемонад. Исо гуфт: «Диҳед ва ба шумо медиҳанд: домани шуморо пур мекунанд, такон дода, зер карда, лабрез месозанд, зеро бо кадом андозае чен кунед, бо ҳамон андоза ба шумо чен мекунанд» (Луқ. 6:38). Албатта на ҳама аз саховатмандии мо миннатдор мешаванд. Лекин баъзеҳо ба қадри он мерасанд ва намунаи мо онҳоро бармеангезад, ки худашон низ саховатманд шаванд. Барои ҳамин, ҳатто ба назар чунин тобад, ки одамон дасткушод будани моро қадр намекунанд, биёед сахӣ буданро давом диҳем. Пешакӣ наметавон гуфт, ки як амали саховатмандонаи мо чӣ қадар натиҷаҳои хуб оварда метавонад.

16 Одамони дар ҳақиқат саховатманд дар

14. Одамон хушхабарро нағз гӯш накунанд ҳам, аз донистани чӣ мо хурсандӣ мегирем?

15. Бисёр одамон ба саховатмандӣ чӣ тавр муносибат мекунанд ва оё ин бояд ба мо таъсир расонад?

16. Мо бояд бо кадом ният саховатмандӣ зоҳир кунем?



Вақте мо дар минтақаамон ба ҳар як соҳибхона мавъиза мекунем, ба онҳо имконият медиҳем, ки хушхабарро фаҳманд (Ба сархати 14 нигаред.)

ҷавоб чизеро интизор намешаванд. Исо инро дар назар дошта гуфт: «Вақте зиёфат медиҳӣ, камбағалон, маъюбон, лангон ва кӯронро таклиф кун ва ту хушбахт хоҳӣ буд, зеро онҳо чизе надоранд, ки ба ту подош диҳанд» (Луқ. 14:13, 14). Як нависандаи Китоби Муқаддас гуфт, ки «сахӣ баракат меёбад». Дигаре бошад, чунин гуфт: «Хушо касе ки ба бенаво эътибор медиҳад!» (Мас. 22:9; Заб. 40:2). Дар ҳақиқат, кӯмак расондан ба дигарон ба мо хурсандӣ мебахшад.

17 Павлус суханони Исоро иқтибос оварда гуфт: «Додан назар ба гирифтан хушбахтии бештар меорад». Лекин Павлус на танҳо додани чизҳои моддиро саховатмандӣ меҳисобид. Ӯ гуфт, ки вақте мо одамонро рӯҳбаланд мекунем, аз Китоби Муқаддас маслиҳат медиҳем ва сустонро дастгирӣ мекунем, ин ҳам саховатмандӣ аст (Аъм. 20:31–35). Павлус бо намуна ва насиҳатҳои худ ба мо таълим дод, ки вақту қувватамонро барои дигарон дареғ надорем ва ба онҳо таваҷҷӯҳу муҳаббат зоҳир кунем.

18 Олимоне, ки табиати инсониро тадқиқ мекунанд, муайян намуданд, ки одамони саховатманд хушбахтанд. Дар як мақола гуфта шудааст, ки «одамон баъди он ки барои дигарон ягон кори нек мекунанд, худро боз ҳам хушбахттар ҳис мекунанд». Олимон мегӯянд, ки вақте мо ба дигарон ёрӣ медиҳем, ҳаётамон пурмазмун ва мақсаднок мегардад. Барои ҳамин, баъзеи онҳо бисёр вақт маслиҳат медиҳанд, ки барои беҳтар карданисаломатӣ ва ба даст овардани хушбахтӣ, шахс бояд дар ташкилотҳои ба ҷомеа ёрирасон чун коргари ихтиёрӣ кӯмак расонад. Албатта он чизе ки олимон муайян карданд, барои мо ҳайратовар нест, чунки Офаридгори пурмуҳаббати мо, Яҳува, дар Каломаш кайҳо гуфта буд, ки додан аз гирифтан беҳтар аст (2 Тим. 3:16, 17).

17. Баъзе роҳҳои зоҳир кардани саховатмандӣ кадоманд?

18. Баъзе олимон дар бораи саховатмандӣ чӣ мегӯянд?

## ИНКИШОФ ДОДАНИ САХОВАТМАНДИРО ДАВОМ ДИҲЕД

19 Дар ин ҷаҳон моро асосан одамоне иҳота мекунанд, ки манфиати худро аз беҳбудии дигарон боло мегузоранд. Барои ҳамин, нигоҳ доштани рӯҳияи саховатмандӣ ба мо душвор буда метавонад. Лекин Исо ду аҳкоми бузургтаринро номбар карда, гуфт, ки мо бояд Яҳуваро бо тамоми дили худ, ҷони худ, ақли худ ва қуввати худ дӯст дорем ва дигаронро мисли худ дӯст дорем (Марқ. 12:28–31). Дар ин мақола мо дида баромадем, ки агар шахс Яҳуваро дӯст дорад, вай ба Ӯ пайравӣ мекунад. Ҳам Яҳува ва ҳам Исо нисбати дигарон саховатманданд. Онҳо моро бармеангезанд, ки мо низ сахӣ бошем, зеро ин ба мо хушбахтии ҳақиқӣ меорад. Агар мо дар хизмати Худо ва дар муносибат бо одамон ин рӯҳияро зоҳир кунем, Яҳуваро ҷалол дода, ҳам ба худамон ва ҳам ба дигарон манфиат меорем.

20 Бешубҳа шумо аллакай кӯшиш карда истодаед, ки вақту қуввати худро барои дигарон, махсусан ба ҳамимонони худ, сарф кунед (Ғал. 6:10). Одамон одатан шахсони саховатманду дасткушодро дӯст медоранд ва онҳоро қадр мекунанд. Барои ҳамин, агар шумо саховатманд бошед, боз ҳам хушбахттар мешавед. Дар Масалҳо 11:25 гуфта шудааст: «Ҷони сахӣ пурфайз мешавад, ва касе ки сероб кунад, худаш низ сероб мегардад». Албатта, дар ҳаёт ва хизмати худ мо метавонем бо роҳҳои гуногун саховатмандӣ зоҳир кунем ва беҳбудии дигаронро аз манфиати худ боло гузорем. Баъзеи ин роҳҳоро дар мақолаи навбатӣ дида мебароем.

19, 20. Чаро шумо саховатманд будан мехоҳед?





# Ҳар рӯз бо Яҳува ҳамкорӣ кунед

*«Мо ҳамкорони Худо ҳастем»* (1 ҚӮР. 3:9).

СУРУДҲО: **44, 28**

**ЧӢ ТАВР ШУМО БО ЯҲУВА ҲАМКОРӢ МЕКУНЕД, ВАҚТЕ КИ...**

ба оила ва ҳамимонони худ ёрӣ мерасонед?

меҳмоннавозӣ зоҳир мекунед?

чун ихтиёрӣ кӯмак мекунед ва хизмататонро васеъ мегардонед?

ВАҚТЕ Офаридгор одамони комилро офарид, Ӯ ният дошт, ки онҳо дар иҷрои иродааш бо Ӯ ҳамкорӣ кунанд. Имрӯз нигоҳ накарда ба он ки ҳама одамон нокомиланд, мо чун хизматгорони содиқи Яҳува ҳар рӯз бо Ӯ ҳамкорӣ карда метавонем. Масалан, чун «ҳамкорони Худо» мо дар кори мавъиза ва шогирдсозӣ иштирок мекунем (1 Қӯр. 3:5–9). Худи Офаридгори Даҳр моро сазовор донистааст, ки дар ин кори муҳим саҳм гузорем. Ин дар ҳақиқат имконияти пуршараф аст! Вале мо на танҳо дар кори мавъиза ва шогирдсозӣ, балки бо роҳҳои дигар низ бо Яҳува ҳамкорӣ карда метавонем. Дар ин мақола мо баъзеи ин роҳҳоро дида мебароем, аз он ҷумла: дастгирӣ кардани оила ва ҳамимонон, зоҳир кардани меҳмоннавозӣ, хизмати ихтиёрӣ дар лоиҳаҳои ташкилот ва васеъ кардани хизмати худ (Қӯл. 3:23).

2 Дар рафти муҳокимаи ин мавзӯъ, корҳоеро, ки шумо барои Яҳува карда истодаед, бо хизмати дигарон муқоиса накунед. Дар ёд доред, ки синну сол, саломатӣ, вазъу шароити зиндагӣ ва қобилиятҳои ҳар шахс гуногун аст. Павлус зери таъсири рӯҳи Худо гуфт: «Бигзор ҳар кас ба кори худ диққат диҳад, он гоҳ ӯ метавонад аз корҳои худ хурсандӣ гирад, бе он ки худро бо дигарон муқоиса кунад» (Ғал. 6:4).

---

1. Бо кадом роҳҳо мо бо Яҳува ҳамкорӣ карда метавонем?
2. Барои чӣ худро бо дигарон муқоиса кардан аз рӯйи хирад нест?

## ОИЛАИ ХУД ВА ҲАМИМОНОНРО ДАСТГИРӢ КУНЕД

3 Яҳува интизор аст, ки хизматгоронаш ба оилаи худ ғамхорӣ кунанд. Масалан, шояд шумо барои оилаатонро таъмин кардан кор мекунед. Бисёр модарон барои ба фарзандони хурдашон ғамхорӣ кардан бояд хонашин бошанд. Ба баъзе фарзандон бошад, лозим меояд, ки волидони солхӯрдаашонро нигоҳубин кунанд. Ин корҳо хеле муҳиманд. Каломи Худо мегӯяд: «Агар касе ба хешони худ, махсусан ба аҳли оилааш, ғамхорӣ накунад, ӯ *тарки имон кардааст* ва аз беимон бадтар аст» (1 Тим. 5:8). Аз сабаби ӯҳдадориҳои оилавӣ шумо шояд ба андозае, ки мехостед, хизмат карда наметавонед. Лекин рӯҳафтода нашавед! Оилаатонро таъмин карда, шумо розигии Яҳуваро ба даст меоред (1 Қӯр. 10:31).

4 Вақте волидони масеҳӣ ба фарзандонашон дар гузоштани мақсадҳои рӯҳонӣ ёрӣ медиҳанд, бо ин роҳ низ онҳо бо Яҳува ҳамкорӣ мекунанд. Бисёри волидон чунин карда, натиҷаи хуб ба даст овarданд, зеро писару духтарони онҳо хизмати пурравақтро пеша карданд. Баъзеи онҳо миссионер мебошанд, дигарон дар минтақаи ба воизон ниёздошта ё дар Байт-Ил хизмат мекунанд. Албатта ин ба волидон осон нест, чунки онҳо бо фарзандонашон тез-тез вохӯрда, якҷоя вақт гузаронда наметавонанд. Ба ин нигоҳ накарда, волидони фидокор фарзандонашонро бармеангезанд, ки хизмати худро давом диҳанд. Зеро онҳо хушбахтанд, ки фарзандонашон иродаи Яҳуваро дар ҷойи аввал мегузоранд (3 Юҳ. 4). Ин волидон ба Ҳанно монанданд, ки Самуилро «вақф» кард, яъне ӯро ба Яҳува бахшид. Чунин тарзи ҳамкорӣ бо Яҳува барои онҳо шараф аст (1 Подш. 1:28).

5 Шояд шумо айни ҳол дар оилаатон ӯҳдадории зиёд надоред. Пас, оё метавонед ба ҳамимононе, ки бемор, пиронсол ё касалбонанд ва онҳое ки аз дигар ҷиҳат ба кӯмак муҳтоҷанд, дасти ёрӣ дароз кунед? Фикр кунед, ки дар ҷамъомади шумо кӣ ба чунин кӯмак эҳтиёҷ дорад. Масалан, шояд хоҳаре волидони пиронсолашро нигоҳубин мекунад. Оё шумо метавонед баъзан ба ҷойи ӯ истода, ба онҳо ғамхорӣ кунед, то хоҳар дигар корҳояшро анҷом диҳад? Инчунин шумо метавонед ба ҳамимонони эҳтиёҷдошта барои ба ҷамъомад рафтан, харидкунӣ, ба беморхона рафта шахси наздики онҳоро аёдат намудан ё буд кардани дигар корҳояшон кӯмаки худро пешниҳод намоед. Ҳамин тавр шумо мегузоред, ки Яҳува барои ба дуои дигарон ҷавоб додан шуморо истифода барад. **(1 Қӯринтиён 10:24-ро хонед.)**

## МЕҲМОННАВОЗ БОШЕД

6 Боз як роҳи ҳамкорӣ кардан бо Худо зоҳир кардани меҳмоннавозӣ аст. Калимаи юноние, ки «меҳмоннавозӣ» тарҷума шудааст, маънои «ба ғарибон меҳрубон буданро» дорад (Ибр. 13:2, эзоҳ). Дар Каломи Худо мисолҳо оварда шудаанд, ки муҳим будани меҳмоннавозиро нишон медиҳанд (Ҳас. 18:1–5). Мо метавонем ба дигарон дасти ёрӣ дароз кунем ва дар асл мо бояд барои ин имконият ҷӯем, новобаста аз он ки онҳо ҳамимони моянд ё не (Ғал. 6:10).

7 Оё шумо бо Худо ҳамкорӣ намуда, ходимони пурравақти Ӯро меҳмондорӣ карда метавонед? **(3 Юҳанно 5 ва 8-ро хонед.)** Ин бисёр вақт имконият медиҳад, ки мо «аз имони якдигарамон» рӯҳбаланд шавем (Рум. 1:11, 12). Мисоли бародар Олаф инро тасдиқ мекунад. Ӯ ба

---

3. Чаро гуфтан мумкин аст, ки касе ки ба оилаи худ ғамхорӣ менамояд, бо Яҳува ҳамкорӣ мекунад?

4. Чӣ тавр волидон манфиати Подшоҳии Худоро аз нафъи худ боло гузошта метавонанд?

5. Чӣ тавр шумо ба аъзоёни ҷамъомад кӯмаки амалии худро пешкаш карда метавонед? (Ба расми аввали мақола нигаред.)

6. Зоҳир кардани меҳмоннавозӣ чиро дар бар мегирад?

7. Меҳмондорӣ кардани хизматгорони пурравақти Худо чӣ манфиат меорад?

ёд меорад, ки дар ҷавониаш боре бародари муҷарраде, ки нозири ноҳиявӣ буд, ба ҷамъомадашон ташриф овард. Вале ҳеҷ кас имконият надошт, ки ӯро ба хонааш қабул кунад. Олаф аз волидонаш, ки Шоҳиди Яҳува набуданд, иҷозат пурсид, ки нозири ноҳиявӣ дар хонаашон истад. Онҳо розӣ шуданд, вале ба Олаф лозим буд, ки ба ӯ кати худро дода, худаш дар ҷойи ноқулайтар хоб равад. Олаф ҳамин тавр кард ва соҳиби баракати калон шуд. Ӯ мегӯяд: «Барои ман он ҳафта фаромӯшнашаванда буд. Ману нозири ноҳиявӣ саҳарии барвақт хеста, дар сари дастархон бисёр мавзӯъҳои шавқоварро муҳокима мекардем. Рӯҳбаландӣ аз он муошират дар дилам хоҳиш бедор кард, ки хизмати пурравақтро сар кунам». Ҳоло зиёда аз 40 сол мешавад, ки Олаф дар давлатҳои гуногун чун миссионер хизмат мекунад.

8 Ба ғарибон мо бо роҳҳои гуногун муҳаббат нишон дода метавонем, ҳатто дар аввал онҳо инро қадр накунанд ҳам. Мисоле меорем. Дар Испаниё як хоҳарамон бо Есика ном зане омӯзиш мекард, ки аз Эквадор буд. Боре дар вақти омӯзиш Есика беист гиря мекард. Хоҳар аз вай пурсид, ки чаро гиря мекунад. Ӯ нақл кард, ки пеш аз ба Испаниё кӯчидан вай хеле камбағал буд ва як рӯз чунин шуд, ки ӯ тамоман бехӯрок монд. Ягона чизе ки ӯ ба духтарчааш дода метавонист, об буд. Есика ба Худо дуо гуфт ва кӯшиш кард, ки духтарчаашро хобонад. Дере нагузашта, ду Шоҳиди Яҳува дари ӯро тақ-тақ карданд ва ба ӯ маҷалла пешниҳод намуданд. Аммо Есика маҷалларо дарронд ва ба онҳо дағалона гуфт: «Чӣ, бо ҳамин ман духтарчаамро сер кунам?» Хоҳарон ӯро тасаллӣ доданӣ шуданд, вале ӯ онҳоро ҳатто гӯш кардан намехост. Чанде пас, онҳо дар як сумка хӯрок харида, назди дари ӯ монда рафтанд. Ин меҳрубонии онҳо ба дили Есика таъсир кард. Дар давоми омӯзиш бошад, ӯ аниқ дарк кард, ки Худо он вақт ба воситаи хоҳарон ба дуояш ҷавоб дода буду вай инро пай набурд. Ва ҳоло Есика қарор додааст, ки ба Яҳува хизмат мекунад. Чуноне ки мебинем, саховатмандии хоҳарон натиҷаи хеле хуб овард (Воиз 11:1, 6).

8. Чаро дигарон меҳрубонии моро дар аввал қадр накунанд ҳам, мо бояд зоҳир кардани ин хислатро давом диҳем? Мисол оред.

### ХИЗМАТИ ИХТИЁРӢ ДАР ЛОИҲАҲОИ ТАШКИЛОТ

9 Исроилиёни қадим дар вазъиятҳои гуногун чун ихтиёрӣ хизмат карда метавонистанд (Хур. 36:2; 1 Вақ. 29:5; Наҳемё 11:2). Имрӯз низ мо имкониятҳои зиёд дорем, ки вақту қувват, маҳорат ва дороии худро барои кӯмак ба бародаронамон хоҳарон сарф кунем. Вақте мо худро бо омодагӣ пешкаш мекунем, баракатҳо ва хурсандии зиёд ба даст меорем.

10 Каломи Худо бародаронро бармеангезад, ки бо Яҳува ҳамкорӣ карда, чун хизматгузори ҷамъомад ва пирон хизмат кунанд (1 Тим. 3:1, 8, 9; 1 Пет. 5:2, 3). Онҳое, ки ба гирифтани чунин масъулият ҳаракат мекунанд, ба ҳамимонон кӯмаки рӯҳонӣ ва амалӣ расондан мехоҳанд (Аъм. 6:1–4). Оё пирон ягон бор аз шумо хоҳиш карданд, ки дар воҳӯриҳои ҷамъомад ё анҷуман ёрирасон бошед? Ё шумо метавонистед, ки дар тақсим кардани адабиёт, минтақаҳо, нигоҳубини Толори Салтанат ва корҳои ба ин монанд ёрдам диҳед? Бародароне, ки ин корҳоро иҷро мекунанд, мегӯянд, ки расондани чунин ёрӣ хеле хурсандибахш аст.

11 Онҳое, ки дар лоиҳаҳои гуногун чун ихтиёрӣ хизмат мекунанд, бисёр вақт дӯстони нав меёбанд. Мисоли хоҳар Марҷи инро нишон медиҳад. Ӯ 18 сол боз дар сохтмони Толорҳои Салтанат чун ихтиёрӣ хизмат мекунад. Дар давоми солҳо ӯ бисёр хоҳарони ҷавонро зери

9, 10. а) Дар кадом мавридҳо исроилиёни қадим чун ихтиёрӣ хизмат карда метавонистанд? б) Имрӯз бародарон аз кадом ҷиҳатҳо ба ҷамъомад ёрӣ расонда метавонанд?

11. Иштирок дар лоиҳаҳои ташкилот ба як хоҳар чӣ манфиат овард?




Ихтиёриён дар лоиҳаҳои гуногуни ташкилот иштирок карда, бисёр дӯстони нав пайдо мекунанд
(Ба сархати 11 нигаред.)

қаноти худ гирифта, ба онҳо корро ёд додааст. Ӯ мегӯяд, ки иштирок дар ин лоиҳаҳо ба ихтиёриён имконияти оличаноб медиҳад, то якдигарро рӯҳбаланд кунанд (Рум. 1:12). Вақте хоҳар Марҷи вазъиятҳои душворро аз сар мегузаронд, дӯстоне, ки пайдо карда буд, ӯро рӯҳбаланду дастгирӣ мекарданд. Оё шумо ягон бор дар чунин сохтмонҳо иштирок кардаед? Ҳатто, агар қобилияту таҷрибаи махсус надошта бошед ҳам, шумо кӯмаки худро чун ихтиёрӣ пешкаш карда метавонед.

12 Дар вақти рӯй додани офатҳои табиӣ низ мо бо Худо ҳамкорӣ карда метавонем. Чӣ тавр? Вақте ки ба бародарону хоҳароне, ки зарар дидаанд, бо роҳҳои амалӣ кӯмак мекунем. Яке аз роҳҳо ин бо хайрияҳои худ ёрдам кардан аст (Юҳ. 13:34, 35; Аъм. 11:27–30). Роҳи дигар бошад, ин тоза ва таъмир кардани ҷойҳои харобшуда аст. Масалан, вақте дар Полша аз боронгарии зиёд ҳама ҷоро об зер кард, хонаи Габриэла ном хоҳар хеле зарар дид. Бародарон аз ҷамъомади маҳаллӣ омада барои барқарор кардани хонааш ёрӣ доданд ва ӯ аз ин хеле рӯҳбаланд шуд. Габриэла он рӯзҳоро ба ёд оварда мегӯяд: «Ман дар бораи чизҳои аз даст додаам ғам намехӯрам. Баръакс, баъди ин воқеа ман гӯё чизи бештарро ба даст овардам, зеро бовариам ба он зиёдтар шуд, ки қисми ҷамъомади масеҳӣ будан шарафи бузург ва сарчашмаи шодиву хурсандӣ аст». Бисёр шахсоне, ки баъди офатҳои табиӣ дастгирии ҳамимононро диданд, инро тасдиқ мекунанд. Ва онҳое, ки бо Яҳува ҳамкорӣ карда, ба осебдидагон дасти ёрӣ дароз мекунанд, худашон низ қаноатмандии зиёд мегиранд. **(Аъмол 20:35 ва 2 Қӯринтиён 9:6, 7-ро хонед.)**

13 Хоҳар Стефани ва дигар воизон ба ҳамимононе, ки чун гуреза ба Иёлоти Муттаҳида омадаанд, ёрӣ дода, ҳамин тавр бо Яҳува ҳамкорӣ мекунанд. Онҳо ба баъзе оилаҳои гурезагон барои ёфтани ҷойи зист ва ашёҳои зарурии рӯзғор ёрӣ доданд. Стефани мегӯяд: «Онҳо муҳаббати бародарияти умумиҷаҳониро дар худ ҳис карда, чунон миннатдору хурсанд шуданд, ки ин ба дили мо ҳам хеле таъсир кард. Он ои-

12. Чӣ тавр шумо ба осебдидагони офатҳои табиӣ дасти ёрӣ дароз карда метавонед?

13. Чӣ тавр расондани кӯмак ба ҳамимонон муносибати моро бо Яҳува қавӣ гардонда метавонад? Мисол оред.

лаҳо фикр мекарданд, ки мо ба онҳо ёрдам додем, лекин дар асл бештар онҳо ба мо кӯмак карданд. Зеро мо шахсан дидем, ки дар байни халқи Худо муҳаббат, имон ва ягонагӣ ҳукмфармо аст ва онҳо ба Яҳува такя мекунанд. Дидани ин дар ҳақиқат муҳаббати моро ба Яҳува қавӣ гардонд ва миннатдории мо барои ҳамаи он чизе, ки ташкилоти Ӯ медиҳад, зиёдтар шуд».

## ХИЗМАТИ ХУДРО ВАСЕЪ ГАРДОНЕД

14 Шояд шумо мехостед бо Яҳува боз ҳам бештар ҳамкорӣ кунед. Оё шумо тайёред ба ҷое кӯчед, ки дар он ҷо воизон намерасанд? Албатта, аз ҳамаи хизматгорони Яҳува талаб карда намешавад, ки ба ягон ҷойи дур кӯчанд. Вале баъзе бародарону хоҳарон имконият доранд, ки ин корро кунанд. Рӯҳияи онҳо ба рӯҳияе, ки пайғамбар Ишаъё дошт, монанд мебошад. Боре Яҳува савол дод: «Ман киро бифиристам? Ва кист, ки барои Мо биравад?» Ишаъё дар ҷавоб гуфт: «Инак ман ҳозирам, маро бифирист» (Иш. 6:8). Оё шумо хоҳиш ва шароит доред, ки ба ташкилоти Яҳува зиёдтар кӯмак расонед? Шахсан шумо чӣ кор карда метавонистед?

15 Дар бораи кори мавъиза ва шогирдсозӣ Исо гуфт: «Ҳосил, дар ҳақиқат, бисёр аст, лекин коргарон кам. Барои ҳамин аз Соҳиби ҳосил илтимос кунед, ки барои дарав коргар фиристад» (Мат. 9:37, 38). Оё шумо метавонед ба ҷое, ки воизон намерасанд, рафта чун пешрав хизмат кунед? Ё имконият доред, ки барои кӯчидани ягон шахси дигар кӯмак расонед? Бисёри бародарону хоҳарон дарк карданд, ки роҳи беҳтарини нишон додани муҳаббат ба Худо ва одамон — ин чун пешрав дар маҳалли ба воизон ниёздошта хизмат кардан аст. Фикр кунед, ки бо кадом роҳҳои дигар хизматро васеъ кардан мумкин аст. Ба Яҳува зиёдтар хизмат карда, шумо шодиву хурсандии бисёр ба даст меоред.

16 Шумо ҳамчунин метавонед дар Байт-Ил хизмат кунед ё дар сохтмони биноҳои ташкилот ёрӣ расонед. Дар ташкилоти Яҳува ҳамеша ба шахсоне ниёз аст, ки ба ҷуҷое таъин кунанд, меранд ва кадом кореро, ки супоранд, иҷро менамоянд. Шояд касе дар иҷрои ягон кор таҷрибаву маҳорат дорад, вале аз ӯ хоҳиш карда метавонанд, ки тамоман кори дигарро иҷро кунад. Лекин вақте мо бо омодагӣ дар ҷое, ки зарур аст, хизмат мекунем, Яҳува ин рӯҳияи фидокоронаи моро қадр мекунад (Заб. 109:3).

17 Оё шумо мехостед таълими иловагӣ гиред ва дар иҷро кардани хизмати муқаддас маҳорати зиёдтар дошта бошед? Агар ҳа, пас шумо метавонед варақаро барои таҳсил дар Мактаби воизони хушхабар (пеш «Мактаб барои воизони Салтанат» буд) пур кунед. Вақте ки пешравони рӯҳан баркамол дар ин мактаб таълим мегиранд, онҳо дар пешрафти кори мавъиза саҳми бештар гузошта метавонанд. Онҳое, ки дар ин мактаб таҳсил кардан мехоҳанд, бояд тайёр бошанд, ки ба куҷое, ки ташкилоти Яҳува онҳоро таъин кунад, рафта хизмат кунанд. Оё шумо ин имкониятро истифода бурда, ба Яҳува зиёдтар хизмат кардан мехоҳед? (1 Қӯр. 9:23).

18 Чун аъзоёни халқи Яҳува мо мехоҳем саховатманд, некӯкор, меҳрубон бошем ва одамонро дӯст дорем. Ҳар рӯз мо оиди беҳбудии дигарон ғамхорӣ мекунем. Ин ба мо хурсандӣ, оромӣ ва хушбахтӣ меорад (Ғал. 5:22, 23). Агар шумо мисли Яҳува саховатманд бошед ва ҳамеша бо Ӯ ҳамкорӣ кунед, новобаста аз вазъу шароити худ, одами хушбахт хоҳед буд! (Мас. 3:9, 10).

---

14, 15. а) Ишаъё кадом рӯҳияро зоҳир кард? б) Чӣ тавр имрӯз воизон ба рӯҳияи Ишаъё пайравӣ карда метавонанд?

16, 17. Барои васеъ кардани хизмат боз кадом имкониятҳо вуҷуд доранд?

18. Ҳар рӯз бо Яҳува ҳамкорӣ кардан чӣ баракат меорад?

# ПУРСАБРӢ

## Ин бо умед ба душвориҳо тоб овардан аст


МУҲАББАТ
ХУРСАНДӢ
ОСОИШТАГӢ
**ПУРСАБРӢ**
МЕҲРУБОНӢ
НЕКӮӢ
ИМОН
ҲАЛИМӢ
ХУДДОРӢ


АЗБАСКИ «дар рӯзҳои охир» ҳаёт торафт душвор шуда истодааст, ба халқи Худо аз ҳарвақта дида бештар пурсабрӣ лозим аст (2 Тим. 3:1–5). Аксари одамон худбин, номуросо ва бепарҳез шудаанд ва ба онҳо пурсабрӣ намерасад. Барои ҳамин, ҳар як масеҳӣ бояд дар бораи саволҳои зерин фикр кунад: «Оё рӯҳияи ин гуна одамон ба ман ҳам таъсир накардааст? Пурсабрии ҳақиқӣ чӣ маъно дорад? Чӣ тавр ман ин хислати беҳамторо дар ҳар маврид зоҳир карда метавонам?»

### ПУРСАБРӢ ЧИСТ?

Мувофиқи Китоби Муқаддас маънои пурсабрии ҳақиқӣ на танҳо ба вазъияти душвор тоқат кардан аст. Он ҳамчунин ба душвориҳо бо умед тоб овардан мебошад. Шахси пурсабр на фақат дар бораи худаш, инчунин дар бораи ҳиссиёти дигарон, ҳатто оиди беҳбудии шахсе ки ӯро хафа кардааст, фикр мекунад. Ӯ умед дорад, ки муносибати онҳо беҳтар мешавад. Аз ин рӯ, тааҷҷубовар нест, ки хислати пуртоқатӣ дар Китоби Муқаддас дар байни хислатҳое, ки бар муҳаббат асос меёбанд, аввалин шуда номбар шудааст* (1 Қӯр. 13:4). Каломи Худо «пурсабрӣ»-ро ҳамчунин яке аз қисмҳои «самари рӯҳ» меномад (Ғал. 5:22, 23). Чӣ тавр мо ин хислати ба Худо маъқулро дар худ инкишоф дода метавонем?

* Хислати муҳаббат, ки қисми дигари самари рӯҳ мебошад, дар маҷаллаи моҳи августи соли 2017 муҳокима шуда буд.

### ЧӢ ТАВР ПУРСАБРИРО ИНКИШОФ ДИҲЕМ?

Барои инкишоф додани хислати пурсабрӣ мо бояд аз Яҳува дар дуо рӯҳи муқаддас пурсем. Ва Яҳува рӯҳи муқаддасашро ба шахсоне медиҳад, ки ба Ӯ таваккал карда умед мебанданд (Луқ. 11:13). Рӯҳи муқаддас таъсири бузург дорад, вале мо бояд худамон низ ҳаракат карда мувофиқи дуоҳоямон амал намоем (Заб. 85:10, 11). Ин маънои онро дорад, ки мо бояд ҳар рӯз кори аз дастамон меомадаро карда, пурсабриро инкишоф диҳем, то ки ин хислат дар дили мо реша давонад. Ба мо боз чӣ ёрӣ медиҳад?

Мо бояд дар бораи намунаи комили Исо мулоҳиза ронда, ба ӯ пайравӣ кунем. Зери илҳоми Худо Павлуси расул «шахсияти наверо» тасвир кард, ки «пурсабриро» дар худ дорад. Ӯ ҳамчунин гуфт, ки «бигзор осоиштагии Масеҳ дар дилҳои [мо] ҳукмфармо бошад» (Қӯл. 3:10, 12, 15). Исо пурра боварӣ дошт, ки Худо дар вақти лозима вазъиятеро, ки моро ба ташвиш меорад, тағйир медиҳад. Агар мо ба намунаи ӯ пайравӣ кунем, осоиштагӣ дар дили мо низ ҳукмфармо хоҳад шуд. Он вақт, чӣ вазъияте ки рӯй надиҳад, мо пурсабрӣ зоҳир карда метавонем (Юҳ. 14:27; 16:33).

Ҳамаи мо Биҳишти ваъдашударо хеле интизорем. Лекин, вақте мо оиди он фикр мекунем, ки чӣ тавр Яҳува нисбати мо пуртоқатӣ зоҳир мекунад, мо бештар пурсабр мешавем. Китоби Муқаддас моро боварӣ мебахшад: «Яҳува дар иҷрои ваъдааш дер

намекунад, чуноне ки баъзеҳо гумон мекунанд, балки нисбати шумо пурсабр аст, зеро нобуд шудани касеро намехоҳад, баръакс, Ӯ мехоҳад, ки ҳама имконияти тавба карданро дошта бошанд» (2 Пет. 3:9). Яҳува нисбати мо хеле пуртоқат аст ва агар мо дар бораи ин мулоҳиза ронем, мо низ нисбати дигарон пуртоқатӣ зоҳир карда метавонем (Рум. 2:4). Баъзе вазъиятҳое ки пуртоқатӣ талаб мекунанд, кадоманд?

## ВАЗЪИЯТҲОЕ КИ ПУРТОҚАТӢ ТАЛАБ МЕКУНАНД

Мо қариб ҳар рӯз бо вазъиятҳое рӯ ба рӯ мешавем, ки бояд пуртоқатӣ зоҳир кунем. Масалан, агар шумо ягон гапи муҳим гуфтанӣ бошед, ба шумо пурсабрӣ лозим мешавад, то ки гапи дигаронро набуред (Яъқ. 1:19). Ҳамчунин пурсабрӣ ҳамон вақт лозим мешавад, ки агар ягон одати ҳамимонамон ба шумо маъқул набошад. Дар чунин вазъиятҳо беҳтараш дар бораи он фикр кунем, ки чӣ тавр Яҳува ва Исо ба камбудиҳои *мо* муносибат мекунанд. Онҳо диққаташонро ба камбудиҳои майда-чуйдаи мо неву ба ҷиҳатҳои хубамон равона мекунанд ва ҳамчунин аҳамият медиҳанд, ки мо барои беҳтар шудан кӯшиш карда истодаем (1 Тим. 1:16; 1 Пет. 3:12).

Вазъияте шуда метавонад, ки дигарон моро дар ягон сухан ё кори нодуруст айбдор мекунанд ва он вақт бояд пуртоқатӣ зоҳир кунем. Дар чунин мавридҳо шахс одатан хафа мешавад ё ба худсафедкунӣ медарояд. Лекин Каломи Худо ба мо чунин маслиҳат медиҳад: «Собир беҳ аз ҳавобаланд. Дар рӯҳи худ ба хашм гирифтан шитоб накун, чунки хашм дар синаи аблаҳон қарор меёбад» (Воиз 7:8, 9). Барои ҳамин, ҳатто агар моро беадолатона айбдор кунанд ҳам, мо бояд пурсабрӣ зоҳир кунем ва андеша карда ҷавоб диҳем. Вақте ки бо Исо беадолатона муносибат мекарданд, ӯ айнан аз рӯйи ҳамин принсип амал мекард (Мат. 11:19).

Ба волидон низ пурсабрӣ хеле зарур аст. Чунки баъзан дар дили фарзандашон фикру хоҳишҳои нодуруст пайдо шуда метавонанд ва волидон бояд онҳоро ислоҳ кунанд. Биёед, мисоли Маттиасро, ки дар Байт-Или Скандинавия хизмат мекунад, дида бароем. Маттиасро дар вақти мактабхонӣ аз пушти эътиқодаш шуда доимо масхара мекарданд. Волидонаш дар аввал инро пай набурданд. Лекин оқибат фаҳмиданд, ки ӯ нисбати ҳақиқат шубҳа пайдо кардааст. Ба онҳо лозим омад, ки тарзи фикррονии ӯро ислоҳ кунанд. Падари Маттиас, Йиллис нақл мекунад: «Дар ин вазъият ба мо хеле пурсабрӣ лозим буд. Маттиас чунин саволҳо медод: “Худо кист? Агар Китоби Муқаддас Каломи Худо набошад-чӣ? Мо аз куҷо медонем, ки Худо дар асл ин ё он чизро аз мо талаб мекунад?”» Ӯ боз аз падараш пурсида буд: «Магар ин айби ман аст, ки мисли шумо фикр намекунам ва бовариам камтар аст?»



Йиллис мефаҳмонад: «Баъзан писарамон бо қаҳру ғазаб савол медод. Лекин вай аз ман ё модараш неву аз ҳақиқат хафа буд, зеро фикр мекард, ки он ҳаёташро душвор гардонда аст». Йиллис чӣ кор кард? Вай нақл мекунад: «Ману писарам соатҳои дароз шишта сӯҳбат мекардем. Бисёр вақт ман ӯро фақат гӯш мекардам ва барои ҳиссиёту нуқтаи назарашро фаҳмидан, ба ӯ саволҳо медодам. Баъзан ман ин ё он мавзӯъро ба Маттиас мефаҳмондам ва ба ӯ як рӯз ё



зиёдтар вақт медодам, ки дар бораи онҳо фикр кунад ва баъд мо сӯҳбатамонро давом медодем. Дар дигар мавридҳо бошад, ман ба ӯ мегуфтам, ки ба ман якчанд рӯз даркор аст, то оиди нуқтаи назараш мулоҳиза ронам. Чунин сӯҳбатҳои доимӣ ба Маттиас ёрдам карданд, ки дар бораи фидия, ҳокимияти Худо ва муҳаббати Яҳува фаҳмишаш зиёд гардида бо ин таълимотҳо розӣ шавад. Барои он ки муҳаббати Яҳува дар дили ӯ реша давонад, вақту қуввати зиёд даркор шуд. Ману занам хурсандем, ки меҳнатамон барабас набуд ва мо ба дили ӯ таъсир расонда тавонистем».

Йиллис ва занаш барои пурсаброна писарашонро ислоҳ кардан аз Яҳува кӯмак меҷустанд. Йиллис гузаштаро ба хотир оварда мегӯяд: «Ба Маттиас мегуфтам, ки ману модараш ӯро хеле дӯст медорем ва доимо дуо мегӯем, ки Яҳува ба ӯ фаҳмиш диҳад». То чӣ андоза ин волидон хурсанданд, ки пурсабрӣ зоҳир карданд!

Чӣ хеле ки дидем барои ба дигарон аз ҷиҳати рӯҳонӣ кӯмак расондан, пурсабрӣ лозим аст. Ҳамчунин ба масеҳиён баъзан лозим меояд, ки ҳангоми ба бемории давомнок гирифтор шудани ягон шахси наздикашон, пурсабрӣ зоҳир кунанд. Биёед, мисоли Еленаро*, ки аз Скандинавия аст, дида бароем.

* Ном иваз шудааст.

Тақрибан ҳашт сол пеш шавҳари Елена ду бор инсулт шуд. Ва ин касалӣ ба майнаи ӯ чунон таъсир кард, ки дар натиҷа ӯ дигар дилсӯзӣ, хушбахтӣ ё ғамгиниро ҳис карда наметавонист. Ин вазъият аз Елена қуввати бисёрро талаб мекард. Ӯ мегӯяд: «Ба ман пурсабрии зиёд даркор буд ва ман бисёр дуо мегуфтам. Ояти дӯстдоштаам Филиппиён 4:13 маро хеле тасаллӣ медод. Дар он гуфта шудааст: “Бо ёрии Оне, ки ба ман қувват мебахшад, ҳама чиро паси сар карда метавонам”». Елена пурра ба дастгирии Яҳува боварӣ дошт ва бо қуввати Ӯ пурсаброна ба ин вазъият тоб овард (Заб. 61:6, 7).

## БА ПУРСАБРИИ ЯҲУВА ПАЙРАВӢ КУНЕД

Яҳува дар зоҳир кардани пурсабрӣ барои мо намунаи беҳтарин аст (2 Пет. 3:15). Дар Китоби Муқаддас бисёр воқеаҳое ҳастанд, ки дар онҳо пурсабрии Яҳува дида мешавад (Наҳемё 9:30; Иш. 30:18). Масалан, вақте ки Иброҳим дар бораи ҳукми Яҳува нисбати Садӯм бисёр савол дод, Ӯ чӣ тавр рафтор кард? Яҳува суханони Иброҳимро набурида, пурсаброна ҳар як саволашро гӯш кард ва ба ташвишҳояш беаҳамиятӣ накард. Вақте Яҳува суханони Иброҳимро такрор кард, Ӯ нишон дод, ки бодиққат ӯро гӯш мекард. Яҳува Иброҳимро боварӣ бахшид, ки агар дар шаҳр танҳо 10 нафар одил ёфт шавад, Ӯ шаҳрро нест намекунад (Ҳас. 18:22–33). Яҳува ба мо намунаи олиҷаноб гузоштааст, ки дигаронро пурсаброна гӯш кунем ва тез ба хашм наоем.

Пурсабрии ҳақиқӣ дар асл қисми муҳими «шахсияти нав» мебошад, ки ҳар як масеҳӣ бояд онро дар бар кунад. Агар мо ин хислати пурарзиш ва муҳимро бо ҷидду ҷаҳд инкишоф диҳем, мо Падари ғамхору пурсабрамонро ҷалол медиҳем ва ба «онҳое, ки ба туфайли имон ва пурсабрӣ ваъдаҳоро соҳиб шудаанд», ҳамроҳ мешавем (Ибр. 6:10–12).

# Кошта шудани тухми ҳақиқат дар Португалия

КИШТӢ аз уқёнуси Атлантика гузашта ба самти Аврупо шино мекард. Яке аз мусофирони он Ҷорҷ Янг буд, ки аз Бразилия меомад. Ӯ дар бораи хизмати самарабахши худ дар Бразилия бо хурсандӣ мулоҳиза меронд*. Лекин дар рафти сафар бародар Янг инчунин оиди таъйиноти наваш фикр мекард. Ӯ бояд ба Испаниё ва Португалия сафар карда, коштани тухми ҳақиқатро сар мекард. Чунки ҳоло дар ин минтақаҳои калон хушхабар паҳн нашуда буд. Бародар Янг ният дошт, ки дар он ҷо барои баромад кардани Ҷорҷ Рутерфорд ҷойи мувофиқ ёбад, корҳои лозимаро ба анҷом расонад ва 300 000 рисоларо ба одамон тақсим кунад.

Дар натиҷаи инқилоби соли 1910 ҳокимияти подшоҳӣ дар Португалия сарнагун шуд ва таъсири калисои католикӣ ба мардум камтар гашт. Баъди ин, халқ озодии бештар ба даст оварда бошад ҳам, лекин дар мамлакат бесарусомониҳои шаҳрвандӣ давом меёфтанд. Барои ҳамин, вақте ки бародар Янг баҳори соли 1925 ба Португалия омад, дар Лиссабон вазъияти сиёсӣ то ҳол ноором буд.

Ҷорҷ Янг барои баргузор гаштани нутқи бародар Рутерфорд ҳама чиро омода кард. Лекин айнан ҳамон вақт аз тарафи ҳокимият бо сабаби шӯришҳои сиёсӣ вазъи ҳарбӣ эълон шуда буд. Котиби Ҷамъияти Китоби Муқаддас дар Британиё ва хориҷа бародар Янгро огоҳ кард, ки ӯ бо муқобилияти зиёд дучор мешавад. Вале нигоҳ накарда ба ин, Ҷорҷ аз роҳбарони мактаби ба номи Камоэнс барои истифода бурдани варзишгоҳи он иҷозат пурсид ва онҳо розӣ шуданд.

Инак 13-уми май фаро расид, рӯзе ки бародар Рутерфорд бояд бо нутқ баромад мекард. Одамон бесаброна нутқи ӯро, ки «Чӣ тавр дар замин абадан зистан мумкин аст?» ном дошт, интизор буданд. Зеро дар плакатҳо ва рӯзномаҳо оиди он эълон навишта шуда буд. Мухолифони динӣ дарҳол дар рӯзномаи худ мақолаеро чоп карда, одамонро огоҳ карданд, ки «пайғамбарони бардурӯғ»-и навомадаро гӯш накунанд. Инчунин онҳо дар пеши дарвозаи варзишгоҳ истода, ба мардум ҳазорон брошураҳо тақсим мекарданд, ки дар онҳо таълимоти бародар Рутерфорд танқид ва сиёҳ карда шуда буд.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, дар толор 2 000 одам ҷамъ шуд ва боз ҳамин қадар одамон аз сабаби ҷой нарасиданаш дар берун меистоданд. Барои ҳамин баъзе хоҳишмандон ҳатто ба зинапояҳои ресмонӣ ва дигар асбобҳои варзишӣ баромада, аз он ҷо тамошо мекарданд.

Мухолифон дар давоми гуфтани нутқ низ халал мерасонданд. Онҳо дод мезаданд ва курсиҳоро мешикастанд. Вале бародар Рутерфорд худро гум накарда, оромона ба болои миз баромад, то ки дигарон ӯро хуб шунаванд. Нутқи ӯ қариб то нисфи шаб давом кард. Баъди ба охир расидани он, зиёда аз 1 200 нафар шавқмандон ному суроғаи худро гузоштанд, то адабиёти бар Китоби Муқаддас асосёфта ба онҳо фиристода шавад. Рӯзи дигар, дар рӯзномаи «У-Секулу» оиди нутқи бародар Рутерфорд мақолае нашр шуд.

* Ба мақолаи «Ҳоло дар дарав кор бисёр аст» нигаред («Бурҷи дидбонӣ» аз 15 майи с. 2014, саҳ. 31, 32).



Ҷорҷ Янг ба бисёр ҷойҳо сафар мекард, то кори мавъизаро пеш барад

Livro de registos de autorizações de residência, fls. 528–529;
PT/ADLSB/AC/GCL/H/H/004/00 050; Imagem cedida pelo ANTT




Иҷозатномае, ки ба Лизи ва Верҷилио барои истиқомат дар Португалия дода шуда буд, с. 1928

Аз сентябри соли 1925 сар карда, дар Португалия маҷаллаи «Бурҷи дидбонӣ» бо забони португалӣ ба нашр баромад (пештар он фақат дар Бразилия чоп мешуд). Тахминан он вақт як Тадқиқотчии Китоби Муқаддас Верҷилио Фергесен хост, ки аз Бразилия ба Португалия кӯчида, ба кори мавъиза кӯмак кунад. Солҳои пеш ӯ дар филиали хурди Бразилия бо бародар Янг ҳамкорӣ карда буд. Дере нагузашта, Верҷилио бо занаш Лизи ба Португалия кӯчиданд. Онҳо маҳз дар вақташ омаданд, чунки бародар Янг таъйиноти нав гирифта, ба наздикӣ бояд аз Португалия мерафт. Ӯ бояд ба дигар ҷойҳо, аз он ҷумла ба Иттиҳоди Шӯравӣ рафта хизматашро давом медод.

Вақте ки дар натиҷаи табаддулоти ҳарбӣ дар Португалия сохти давлатдории диктатурӣ ҷорӣ шуд, ба кори мавъиза зиддият пурзӯр шуд. Бародар Фергесен далерона амал намуда, гурӯҳи хурди Тадқиқотчиёни Китоби Муқаддас ва фаъолияти онҳоро дастгирӣ мекард. Ӯ ҳаракат мекард, ки барои хонаашро чун ҷойи доимии вохӯриҳо истифода бурдан аз давлат иҷозат гирад. Моҳи октябри соли 1927 ба вай иҷозат дода шуд.

Дар соли якуми давлатдории диктатурӣ қариб 450 сокинони Португалия ба маҷаллаи «Бурҷи дидбонӣ» обуна шуданд. Илова бар ин, ба воситаи рисолаю брошураҳо хушхабар дар тамоми гӯшаю канори империяи Поругалия — Ангола, ҷазираҳои Азор, Кабо-Верду, Тимори Шарқӣ, Гоа, Мадейра ва Мозамбик паҳн шуд.

Соли 1929 як боғбони хоксори португалӣ Мануэл да-Силва-Ҷордан ба Лиссабон омад. Ӯ вақти дар Бразилия зиндагӣ карданаш нутқи бародар Янгро шунида, дарров пай бурд, ки он садои ҳақиқат аст. Ӯ сахт хост, ки дар васеъ кардани кори мавъиза дар Португалия ба бародар Фергесен ёрӣ диҳад. Бо ин мақсад, Мануэл чун панҳкунандаи китоб (яъне пешрав) хизмат карданро сар кард. Вақте ки чоп ва паҳнкунии адабиёт дар Португалия хуб ба роҳ монда шуд, ҷамъомадҳои нав дар Лиссабон ривоҷу равнақ ёфтанд.

Соли 1934 ҳамсарон Фергесенҳо бояд ба Бразилия бармегаштанд. Лекин дар Португалия тухми ҳақиқат аллакай кошта шуда буд. Нигоҳ накарда ба он ки аз сабаби Ҷанги шарҳвандии Испаниё ва Ҷанги Дуюми Ҷаҳон дар Аврупо нотинҷӣ буд, гурӯҳи бародарони содиқ дар Португалия тавонистанд, ки рӯҳан зинда монанд. Онҳо муддате ба лахчаи хомӯшшудаистода монанд буданд, лекин соли 1947, вақте ки Ҷон Кук баъди хатми мактаби Ҷилъод чун миссионер ба ин ҷо фиристода шуд, онҳо гӯё аз нав фурӯзон шуданд. Баъди ин, шумораи воизони Салтанат торафт зиёд шуд. Ва ҳатто вақте ки соли 1962 давлати Португалия фаъолияти Шоҳидони Яҳуваро манъ кард, зиёд шудани шумораи воизон давом ёфт. Моҳи декабри соли 1974, вақте ки фаъолияти Шоҳидони Яҳува ба қайди давлатӣ гирифта шуд, шумораи воизон дар мамлакат зиёда аз 13 000 нафарро ташкил медод.

Имрӯз дар Португалия ва якчанд ҷазираҳое, ки сокинонаш бо забони португалӣ гап мезананд, аз он ҷумла ҷазираҳои Азор ва Мадейра, беш аз 50 000 воизони Салтанат хушхабарро мавъиза мекунанд. Дар байни ин воизон насли сеюми касоне мебошанд, ки нутқҳои таърихии бародар Рутерфордро соли 1925 гӯш карда буданд.

Мо аз Яҳува ва он бародарону хоҳарони содиқ, ки далерона «чун хизматгузори Исои Масеҳ... хушхабари Худоро ба халқҳои дигар» паҳн карда буданд, хеле миннатдорем (Рум. 15:15, 16). (Аз хазинаи мо дар Португалия.)

JW.ORG ®

Ин маҷалла ва дигар адабиётҳоро аз сайти www.jw.org/tg бепул гирифтан мумкин аст

Ҳамчунин шумо метавонед дар ин сайт «Тарҷумаи дунёи нав»-ро ба забонҳои гуногун бихонед

Ба сайти www.jw.org/tg дароед ё кодро сканер кунед

w18.08-TJ
180625